АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ
МАҲМУДХОН ШОЕВ

# АСОСҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ТЕЛЕВИЗИОН

ДУШАНБЕ – 2008.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ ТОҶИКИСТОН

АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ,
МАҲМУДХОН ШОЕВ

# АСОСҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ ТЕЛЕВИЗИОН

(бахши дуввум)

Маводи дарсӣ барои донишҷӯёни шӯъба ва факултаҳои журналистӣ ва кормандони ВЭА.

ДУШАНБЕ – 2008.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Муқарризон: доктори илми таърих, профессор **Усмонов И. К.,**
номзади илми филология, дотсент **Ҳайдаров С. Б.**

Муҳаррири масъул: номзади илми филология, дотсент **Гулов С. Н.**

***А. Саъдуллоев, М. Шоев.*** **Асосҳои журналистикаи телевизион.**
*Бахши дуввум. – Душанбе: , 2008. 75 саҳ.*

Китоби мазкур авалин таҷрибаест дар боби нақли нисбатан муфассал роҷеъ ба асосҳои журналистикаи телевизион. Вай афкори назарӣ ва мушоҳидаҳои муаллифонро доир ба телевизиони муосир фаро мегирад. Китоб чун маводи дарсӣ барои донишҷӯёни факулта ва шӯъбаҳои журналистӣ, инчунин ҳаводорони журналистикаи телевизион таълиф шудааст.

***Бо қарори Шӯрои илмӣ – методии ДДМТ ба чоп тавсия шудааст.***

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ХОТИРАИ ФАРҲАНГ

Доир ба журналистикаи телевизион садҳо китоб навишта шудааст. Аммо дар Тоҷикистон илло ба чанд нигоштаи Акбар Ҷӯраев, Субҳон Раҳматов, Рафоат Абдусаломова, Муаттара Ҷӯраева ва Ҷумъа Қуддус, ки ғайр аз охирин дигар ҳама таассуроти шоҳид ё шахси ба барнома масъул ҳастанд, чизи дигаре то ба ҳол рӯи кор наомадааст. Аммо ҷолиб аст, ки роҷеъ ба телевизион ҳама менависанд. Бахусус рӯзномаҳои ғайриҳукуматии мо ба мавзӯи фавқ рағбати беандоза доранд, телевизиони тоҷикро гоҳ ба хоки замин олуда мекунанд, гоҳ аз «шӯълаҳои» он оши палави маънӣ мепазанд. Хислати телевизион ҳамин аст, маҳсули он ба ҳама дастрас буда ва ҳама гумон доранд, ки ин соҳаро аз дигарон хубтар мефаҳманд. Ин ғалати маҳз аст.

Аввалан, худи эҷод кори ҳар раҳгузар нест. Гузашта аз ин, журналисти телевизион шахсият аст, аз хубу бади ҷаҳон вуқуф дорад. Вай ақл, дониш, мактаб, малака, истеъдод ва истиқлол мехоҳад. Ва баъдан, ҳатто мавҷудияти қобилияти фитрӣ ҳеҷ гоҳ маънои дороии тахассус нест. Вай ҳамеша ба такмил эҳтиёҷ дорад.

Барои журналисти телевизион шудан қобилияти хоса ва манофеи самтнок доштан зарур аст. Вақти дохил шудани ҷавонон ба факултаву шӯъбаҳои журналистика[1] ин ҷиҳатҳо маъмулан санҷида мешаванд. Баъдан, барои журналисти телевизион донишу малакаҳое заруранд, ки мутахассиси дигар соҳаҳои эҷод ба он эҳтиёҷ надорад. Ва ниҳоят, журналисти телевизион то андозае техник ва технолог аст, агар вай аз ин хосият орӣ бошад, ҳеҷ гоҳ маҳсули хушсифат омода карда наметавонад. Вай то лаҳзаи ба эфир баромадан бояд дар фикри ислоҳ бошад, барои ин ҳунари «таҳрир» дар парда (навор) зарур аст, ки он ба устоди ҳунарманду техникадон зарурат дорад. Чунин ҳунарро на ҳамеша аз машғулиятҳои амалӣ, дар семинарҳои махсус дар студияҳои таълимӣ гирифтан мумкин аст.

Чунон ки ишора рафт, истеҳсолоти телевизионӣ ба ҳама дастрас бошад ҳам, ба сайқалу такомули ҳамешагии малака ва маҳорат эҳтиёҷ дорад.

Телевизион беш ва пеш аз ҳамаи анвои кори эҷодӣ ба талаботи маънавии ҷомеа бастагӣ дорад.

Ҷолиб, вале факт аст, ки сатҳи фарохонду арзишҳои онро ҷомеа, бинанда муайян мекунад. Телевизион ҳамеша талаб ва завқи гирандаашро ба инобат мегирад. Вале ин ҷо бояд бигӯем, ки на ҳамеша чунин завқу хоҳиш қобили қабул аст. Ҷомеа қишрҳо дорад, ҳар қишр вобаста ба сатҳи маънавиёт талаботи хос дорад. Чунин ҳам мешавад, ки ягон қишр бо таъсири шабакаҳои ба ном пешрафтаи олам (дар замони мо имкони тамошои ҳар гуна каналҳо мавҷуд аст) аз телевизиончиҳо

[1] Мардуми мо ҳамеша орзуи орзушиканӣ доранд. Бо мақсади «соф» кардани забон ва монандшавӣ ба ҳамзабонҳои хориҷӣ калимаи «журналист» ба «рӯзноманигор» иваз карда мешавад. Дар Тоҷикистон қариб бист сол мо рӯзнома надорем. Ва баъд. Калимаи «журналист» мафҳуми васеъ дорад ва аз рӯзноманигори камсавод комилан мутафовут аст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тағйиротҳои бемислро тақозо мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо журналистон бояд бо амри ақл фаъолият кунанд, аз паи завқи коҳида нараванд. Суннат, анъанаҳои аҷдодию миллиро сарфи назар накунанд. Телевизиони тоҷик, бо вуҷуди интиқодоти шадиди як зумра «мунаққидон», анъанаи хубе ҳам дорад. «Чойхонаи дилкушо», клуби «Дугонаҳо», маҷаллаҳои телевизионии «Шифо», «Баҳористон», маъракаҳои «Бӯстон», «Пайкони заррин», «Кошона» ва ғайра ҳеҷ гоҳ кӯҳна нахоҳад шуд, гарчи калонҳои зуд-зуд ивазшавандаи студияҳо ҳама чизро аз рӯи табъу завқи хеш арзиш медиҳанд. (Зимнан, бисёр бад аст, ки ҳар роҳбари навтаъини телевизион гумон дорад, ки вай аз пешгузаштаҳои худ беҳтар ва бештар медонад.) Барномаи телевизион ҳамеша дар заминаи таҷрибае сайқал мебинад, ин як андоза қоида ва қонуни фаъолияти телевизионист. Албатта, ҳама медонад, ки журналисти телевизион тарзи аз дигар эҷодкорон мутафовути фаъолият дорад, аксари маврид вай бо «дову дастгоҳ»-и худ-таҷҳизот, наворбардору нурпош, дар баъзе ҳолатҳо бо коргардон меравад. Барномаи телевизионӣ мисли халтаи пурбор аст, ки ҳар журналист дар он саҳми худро дорад. Гузашта аз ин, барномаи телевизион аз ҳазорон ҷузъ иборат асту мукаммал намуданаш басо сангин аст. Вай аз хабари кӯтоҳ оғоз меёбад, ки онро сужет ё гузориш мегӯянд. Кулли барномаҳои калони телевизионӣ - аз шарҳия то ток-шоуҳо аз сужет оғоз меёбанд. Аммо як чиз мусаллам аст. Дар телевизион моҳиятан чизи хурду бузург нест. Ҳатто хурдтарин ҷузъ - як имо ё ишорае метавонад боиси аксуламалҳои ҷиддӣ гардад. Телевизион репортёрҳоро хеле зуд шӯҳратёр мегардонад (мутаассифона фаромӯшшавиашон ҳам босуръат аст). Ҳар корманди телевизион ақидаи худро дорад, ин аст, ки дар дохили гурӯҳҳои эҷодӣ баҳсҳои шадид мешаванд. Чашми камера якто бошад ҳам, усули ҷустуҷӯи ҳақиқат бо он садҳост. Журналистикаи телевизионӣ ин ангезаи сиёсату бозёфти эҷодӣ аз тариқи техника мебошад. Ҳар як намоиш бояд ба ин ё он талаботи сиёсӣ, эҷодӣ ва ё техникӣ ҷавобгӯ бошад.

Вақте соли 1959 Студияи телевизиони Сталинобод (ҳоло ТВТ) ба кор сар кард, сармуҳаррири он Иброҳим Раҳматов (рӯҳашон шод бод) ба донишҷӯёни онвақтаи ҳамкори редаксияҳо мегуфтанд:

- Ҳар сухани шумо бояд ифрози мавқеи шумо бошад.

Баъдтар, дар Донишгоҳи мухбирони коргару деҳқон устодон (А. Шукӯҳӣ, А. Ҳалимов, Б. Румянсев, О. Ҳомидов) низ ҳамин тавр мегуфтанд. Ин ба он сабаб буд, ки журналист нуқтаи назари дурустро ифода мекунад, ин нуқтаи назар назари ҳукумати замон аст.

Аммо як ҳақиқати оддие маъмул гашта, ки ҳар гуна таблиғ аз сиёсате, ки таблиғ мешавад, баландтар нахоҳад буд. Ҳанӯз солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар телевизиони марказӣ (Останкино) маълум шуда буд, ки ҳокимияти давр зери мафҳуми ҳизбият на садоқат ба идеалҳо, балки ба дастуру супоришҳои ҳизбиро дар назар дошт. Шӯҳрати баланди тафсирҳои Ю. Жуков, А. Баев, барномаҳои Ю. Фокин, В. Каверзнев ба ҳамин ҷиҳат вобаста буд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Замона дигар мегашту анъанаҳо ҳам тағйир меёфтанд. Тадриҷан таҳрир аз поён ба боло «инфиродӣ» мешуд. Муҳаррири хурд мувофиқи завқу салиқаи худ, сармуҳаррир ба хости худ ҳам матнро ва ҳам сужаро (тасвир) таҳрир мекарданд. Дар натиҷа матну тасвир сад фоиз суфта ва ба сиёсат мувофиқ мешуд. Ин хубиҳо дошт: барои риояи қолиб аз кор намеронданд, вале қолибшикан ба азоби алим мувоҷеҳ мешуд. (Бадбахтона чунин усули муносибат ба воқеият дар телевизиони тоҷик имрӯз ҳам ба мушоҳида мерасад.)

Баъди пошхӯрии ИҶШС дар як муддати бисёр кӯтоҳ раҳнамоӣ ва дурнамоии ҲКИШ аз байн рафт. Дар Тоҷикистон аз 12-13 феврали соли 1990 сиёсати ҳизби яккатоз ба шикаст мувоҷеҳ гардида буд. Бисёр ҷолиб аст, ки ғояи истиқлолхоҳӣ дар аввалҳои тақаррури он хушиҳои камтар овард. Бахусус дар васоити ахбор ҳарҷу марҷи беандоза ба мушоҳида расид. Роҳбарони ҳаракату ҷамъият, гурӯҳҳои низомию шаҳрвандӣ муҳимияти телевизионро эҳсос намуда, бо ҳар роҳу восита (ғолибан зӯрӣ) дар даст нигоҳ доштани шабакаро ба шиори рӯз табдил доданд. Ин буд, ки телевизион аз даст ба даст мегузашт, анъанаҳо, мактабҳои журналистӣ пареш хӯрда, донову нодон, демократу бюрократ, ҷангхоҳу ҳомии сулҳ паси микрофон гузаштанд. Дуруст аст, ки он вақт ҳам телевизион ягона воситаи иттилоъбахшу сарҷамъкунанда буд, аз рӯи маълумоти он одамон ба кор мерафтанд ё хонашиниро аз ҷангу ҷидоли доимии кӯчаҳо авлотар медонистанд. Дар чунин шароит ҳеҷ гуна талабот эътибор надошт. Эътимоду эътибор ба садое буд, ки ба қавле, дар пушташ қувваҳо қаторак буданд. Масалан, Раҳмоналиев аз касе мусоҳиба мегирифт. Мусоҳиб рӯйдодҳои маҳаллашро ба ёд меоварду «дод аз дасти фалонӣ» (бо ному насаби мушаххас) мегуфт. Наттоқ «э бар падари фалонӣ (бо ному насаби мушаххас) лаънат» мегуфту бадгӯиву дашномеро ба забон меовард, ки мислу монандашро зоти одамӣ шояд нашунида бошад. Ва ин қабоҳат рӯзи дигар бо номи «Мусоҳиба» машҳур мегашт. Ва ин ҳам қонуни зиндагӣ аст-он ҷое, ки низоми ҳаёт коста гашту зӯроварӣ бар ақлу фаросат ғолиб омад,  ҳарҷу марҷ ҳоким мешавад.

Шукри замон, ки бахт ба рӯи тоҷикон хандид. Ҳарчанд муфт бошад ҳам, шукр, ки қариб бе ягон фоҷиа ҷумҳурии мо соҳиби истиқлол гардид. Бо ибтикори роҳбари донову тавоно сулҳ бақои доимӣ ёфт ва имрӯз он даврони пуртаҳлука ба мисли як хоб пеши назар меояд. Аз шарофати чунин сиёсат мо акнун метавонем мафҳумҳои истеъдод, маҳорат, завқ, салиқа, омӯзиш, дониш, худшиносӣ ва худогоҳиро ба забон овардаю паи татбиқашон ҳамарӯза кӯшиш ба харҷ диҳем.

Журналистикаи муосир ба китфи се нерӯи бузург (ё чунон ки русҳо гуфтаанд: се кит) қарор ёфтааст-лаҳзабин (хроникёр), публитсист ва санъаткор. Ҳар кадоми онҳо арзишҳои хоса доранд. Лаҳзабинро барои навӣ ва фаврияти рӯйдод, публитсистро барои эътимоди таҳлил, фаррохии фазилат, амиқии мавқеи шаҳрвандӣ ва санъаткорро барои қаробат ба арзишҳои адабӣ, образи дар парда офаридашуда, барои ифшои ҷаҳони маънавии муосирон эҳтиром мегузоранд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Омӯзиши ҳар яке аз ин марҳалаҳо часпу талоши мудовиму тӯлониро тақозо дорад. Ва ҳар яке синну сол ва вақти муайян дорад. Масалан, агар эҷодкор то сисолагӣ репортер нашавад, кӯшиш мекунанд, ки аз ӯ «халос» шаванд. Вай бояд ё ба бахши таҳлилӣ гузарад, ё ҷои коре ёбад, ки касе ба синну сол кор надошта бошад (таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки ин гуна ҷои кор ниҳоят кам аст). Аз ин рӯ, жуналисти ҷавон баробари ба кор шурӯъ кардан бояд доир ба ояндаи дуру дарози умраш низ андеша кунад.

Ва боз. Аз рӯзҳои аввали кор дар телевизион журналисти ҷавон бояд аз баҳри ибораҳои афсонамонанди «озодии сухан» ва «ҳокимияти чорум» бараояд. Зеро журналист ҳамеша дар коллектив кор мекунад. Коллектив бошад, ҳамеша сиёсати соҳиби шабака (ҳукумат, аҳзоб, ҷамъият)-ро пеш мебарад. Аз ин рӯ, ҳар журналисте, ки ба телевизион меояд, аз рӯзҳои аввали фаъолият бояд аниқ кунад, ки меъёрҳои кории он студия ба меъёрҳои ахлоқию принсипҳо ва виҷдони ӯ мувофиқат мекунад ё не.

Дар бисёр мамлакатҳо, ба хусус дар Россия аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта ширкат ва шабакаҳои телевизионӣ ба ин ё он шахси сарватманд мутааллиқ гаштанд. Худи ба худ журналистон аз озодбаёнӣ даст кашиданд, зеро дар акси ҳол аз бурдаи ноне маҳрум мешуданд. Намедонем, хушбахтона буд, ё бадбахтона, чунин ҳолат дар Тоҷикистон рӯй надод, вале ҷастаю гурехта чунин сиёсат ин ҷою он ҷо намо дода меистад-раиси нав на танҳо тобеони бевосита, балки журналистони «номаъқул»-ро тадриҷан аввал аз эфир ва баъдтар аз студия дур месозад. Азбаски дар Тоҷикистон ягона канали бонуфуз ҳанӯз телевизиони тоҷик аст, журналистони хуби «номаъқул» дар натиҷаи сиёсати «кӯзаи нав оби хунук» аз фаъолияти ихтисосӣ дур карда, ҳунару истеъдодашон беҳуда сарф мешавад. Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар радиою телевизионҳои хусусӣ ва матбуот низ мавқеъ пайдо мекунанд, вале нафъи дар студия меовардаашон чанд-чанди кори имрӯзиашон аст.

Тоҷикистон ҷумҳурии чандон калоне нест. Васоити ахбори ин ҷоро асосан матбуот ва оҷонсиҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Феълан дар ҷумҳурӣ ба ном 28 студияи мустақили (ғайриҳукуматӣ) телевизион, телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» ва студияҳои омехтаи «Сафина» ва “Баҳористон” фаъолият мекунанд, маҳсули телевизионҳои мустақил аксари маврид дар маҳалли воқеашон намоиш дода мешавад. Дар телевизионҳои «Пойтахт» ва «Сафина» ғолибан ҷавонони навмашқ фаъолият мекунанд, ки коромӯз ё донишҷӯ ҳастанд. Хулласи калом, дар ҷумҳурии мо журналистони касбӣ дар соҳаи телевизион ками дар каманд ва онҳоро бо баҳонаҳои «маъқул-номаъқул» аз ҷое ба ҷое партофтан ҳеҷ гоҳ ба манфиати кор нест.

Касбият чист? Киро метавон журналисти мутахассиси телевизион гуфт. Муаллифони китоби «Журналистикаи телевизион» овардаанд: ӯ бояд тамоми маводи ин китобро аз бар намояд. Дуруст мегӯянд онҳо, аммо имкони журналистони рус бештар аст. Бо сабабҳои гуногун мо китоби яклухт чоп карда наметавонем. Китоби «Асосҳои журналистикаи

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

телевизион», ки имрӯз мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад, ба ягон китоби дарсӣ монанд нест. Вай маҳсули омӯзиш ва таҷрибаи муаллифон аст ва паҳлуҳои умумии телевизиони муосири ҷаҳонро фаро мегирад. Барои журналисти имрӯза бошад, донистани назарияи фан ҳатмӣ ва зарурӣ аст. Назария, албатта, таърихи телевизиони ватанию хориҷиро низ фаро мегирад, ки мо онро ба китоби сеюми силсила ҷо карданием.

Баъзан ба навкороне дучор меоем, ки мегӯянд: «ман тамоми сирру асрори телевизионро медонам». Ё мегӯянд, ки «як барномаи нав фикр карда баровардам», «сардорамон мегӯяд, ки аз баҳри барномаҳои кӯҳна гузашта, нав-навашро ихтироъ кунем». Аз ин дида, гапи беҳудатаре нест. Дар Америко барномаи субҳонаи «Имрӯз» аз соли 1952 ба ин ҷониб идома дорад. «Навгониҳо» дар телевизионҳои Россия, «Ахбор» дар телевизиони Тоҷикистон аз солҳои сиюму панҷоҳуми асри гузашта таҳия мешаванд. Беҳтарин барнома ҳамон барномаи кӯҳнаест, ки аз рӯи завқи кунунии бинандагон таҳия шуда бошад.

Аммо як нуктаро таъкид кардан мехоҳем. Дониши хуби назариявӣ ҳеҷ гоҳ далели омили журналисти хуб шудан нест. Беҳтарин омӯзгор худи зиндагӣ аст. Ҳар кӣ аз таҷрибаи рӯзгор баҳрабардорӣ кунад, ҳатман тавфиқ меёбад. Журналисти хуб сермутолиа аст, аз асарҳои хурду бузурги адабиёт, эҷодиёти ҳамкорон меомӯзад, то аз ҳаёт қафо намонад. Вай бояд ҳама гуна навию навигариро омӯхта, ҳар куҷо ки фаъолият кунад, бояд ташаббускору пешсафи коллектив бошад.

Ҷаҳони имрӯзаи мо ба як олами пурғавғои иттилоотӣ монандӣ дорад. Як профессори канадагӣ асри моро аз нигоҳи ахбор ба «деҳкадаи глобалӣ» монанд кардааст. Вай бовар дорад, ки ба рӯзе тамоми ҷаҳон аз системаи ягонаи мухобиротӣ мустафид мешаванд ва ҳар чи дар як гӯшаи «деҳкада» рух диҳад, ҳамон замон дигар растаю хиёбонҳо низ аз он огоҳӣ меёбанд. Ин фикр маънои рамзӣ ҳам дорад. Ба хусус воқеаю заминларзаҳои солҳои охир исбот кард, ки кулли башар аъзои якдигаранд ва ғаму ташвиши яке дигаронро ором намегузорад.

Ҳамзамон ба ин умумият як хосияти дигаре ҳам ба мушоҳида мерасад. Бо вуҷуди фаъолият кардани ширкатҳои бузург дар ин ё он гӯшаи ҷаҳон, ҳатто дар дохили як ширкат майли «ҷудо» шуда истодан, мақоми пешсафӣ пайдо кардан мушоҳида мешавад. Бо мурури вақт ширкатҳои калон аз студияҳои хурд, барномаҳои хуби онҳо фаровон истифода хоҳанд кард. Дар ин ҳолат барномаҳои хоси ширкатҳо хусусияти умумиятдиҳӣ ва хулосакунандаро мегиранд.

Шахсе, ки ба телевизион меояд, бояд хосияти ин навъи мухобираю муоширатро дарк намояд. Телевизион воситаест, ки ҳар чизро намо медиҳад, ҳама мегӯяд, ки шунидан кай бувад монанди дидан. Тамошобин пеш аз он ки сухани натток (журналист)-ро шунавад, ӯро мебинад. Баъзан чунин мешавад, ки ба касе ихлос дорад. Вале вақте нозу нуз, сару дастҷунбониҳои бемавқеашро аз экран мебинед, дилатон гапашро нашунида хунук мешавад. Бо ин гуфтанием, ки журналисти телевизион усули муошират, ҳатто виқори хоса дорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нақл мекунанд, ки агар соли сию сеюми асри гузашта ҳар олмонӣ дар хонаашон телевизор медошт ва афту башараи Гитлерро дар арафаи интихобот медид, ҳаргиз ба ҷонибдории ӯ овоз намедод.

Журналисти телевизион ҳама чиро нишон медиҳад. Вазифаи вай нишон додани воқеа, рафтор, ҳолату вазъият аст. Ҳар як кадре, ки аз пеши назар мегузарад, изофа ба намо як образ, тасвири маънодор ҳам дорад, ба чизе умумият мебахшад. Шояд барои ҳамин ҳам кори журналисти телевизион ба фаъолияти коргардон, ҳунарпеша монандиҳо дорад ва маҳсули эҷодашро маҳсули эҷодӣ мегӯянд. Албатта, ҳунармандона инъикос намудани ҳаёт ҳунару маҳорат мехоҳад. Китобчае, ки имрӯз ба дасти шумост, шаммаест аз ин гуна фаъолияти ҳунарӣ, зеро ҳар гуна намоиш бо низоми хоса, риояи жанру ҷинс ва намудҳои журналистикаи телевизион дорои маъно ва таъсирбахшӣ мегардад.

Ҳар навишта бояд мундариҷае дошта бошад. Ҳама гуна асари бадеӣ, беллетристӣ ё публитсистӣ ба хотири дар ёдҳо мондани маъное таҳия мегардад. Агар журналистикаро ба боғи калони сермева монанд кунем, дарахтони ин боғ хеле ва хеле гуногуну лазизтабъ хоҳанд буд ва ҳар дарахти мевадорро метавонем як жанре гӯем, ки истеъмолкунандагон мувофиқи завқ аз онҳо истифода мебаранд. Таъми **жанрҳо** яксон нест. Яке бисёр лазиз, дигаре талхнамо, вале нафъовар, сеюмӣ завқбахш...

Чунон ки дар парвариши ҳар дарахт боғбон ҳазорон ранҷ мекашад, ҳамчунон тарбияи як журналист ва балад кардани ӯ ба олами жанрҳо корест басо душвору меҳнатталаб. Бахусус пайдо кардани тахассус дар ин ё он жанр кори ҳар роҳнузар (ғайримутахассис) нест.

Гузашта аз ин, журналисти имрӯзӣ ҷои кори хоса дорад, чке дар радио, дуввумӣ дар телевизион ё интернет, дигаре дар матбуоти сершоха кору эҷод мекунад.

Ҷои кори корманди телевизион хоса аст. Вай ба объект ва симоҳои аудиовизуалӣ сару кор мегирад. Нерӯи сухани вай дар возеҳияти тасвир, ба чизе вобаста аст, ки онро наметавон бо сухан ифода кард. Ба ибораи дигар корманди рӯзнома ё радио бударо аз воқеият кам ё зиёд карда метавонад. Журналисти телевизион аз чунин имконият маҳрум аст. Агар журналисти рӯзнома фақат бо сухан ё муҳаррири радио танҳо бо овозу сухан масъул бошад, дар телевизион тасвири хуби объект пеши назар меояд, ки дар бораи он сухани бофта ба кор намеравад, зеро ҳакам – бинанда аз рӯи дида ҳукм мекунад.

Агар ба ин гуфтаҳо боз ҳам амиқ шавем, ҳар як зинаи фаъолияти иттилоотию саргумкунанда чанд гунаи пахши маводро риоя мекунад, ки онро тарзи иттилои публитсистӣ, бадеӣ ва илмӣ ҳам гуфтаанд.

Аниқияти мавод ба усули илмӣ побанд аст. Нависандаи мавод бояд сохтори мантиқии ҳар фикрро, ки бо ҷумла ифода меёбад, донад, дар акси ҳол гуфтааш ба ҳаррофӣ, ба пургӯии бемаънӣ табдил мегардад.

Тарзи гуфтори бадеӣ низ хосияти худро дорад. Журналист бояд ҳунари умумидиҳии фактро донад, аз таҳлил сар гирифта тавонад. Агар

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дар тарзи сухани илмӣ мо дар боби олами иҳотакардаи инсон ҳарф занем, дар олами сухани ҳунарӣ (бадеӣ) аз олами ботинии шахс, аз муносибаташ ба дунёи беруна, аз тасаввуроташ роҷеъ ба ин ё он шахсият сӯҳбат мекунем.

Ва аммо публитсистика (аз калимаи лотинии publicus – ҷамъиятӣ) як шакли хосаи ташкил ва **парокании** ахбори иҷтимоӣ аст Публитсистика ҳамеша ба бинанда нигаронида шуда, муаммоҳои доғи сиёсию ғоявӣ ва иҷтимоиро ба даври муҳокима мекашад. Барои ҳамин дар баъзе ҳолатҳо мафҳуми «публитсистика» ба вожаи «журналистика» ҳаммаъно биниста мешавад.

Бо ҳамин сабабҳо се навъи фаъолияти журналистӣ – ахборӣ, таҳлилӣ ва бадеӣ-публитсистӣ ташхис шудааст, ки ҳамзамон ба се гурӯҳи жанрҳо далолат мекунад.

Жанрро хотираи санъат, гоҳҳо хотираи фарҳанг ҳам мегӯянд. Ин ташбеҳ замина дорад. Ҳар журналист аз усул, тарзи баён, шакли дилхоҳи ифода истифода мебарад. Чунин хосияти жанрӣ аз санъатшиносӣ ва адабиётшиносӣ рӯида ва ба системанок будани жанрҳо далолат медиҳад. Дар дохили ин система ҷинсҳои журналистӣ фаъолият доранд. Ҳар ҷинс ҷузъиёти махсуси хешро дорад. Ин ҷузъиёт дар таъкид, умумиятдиҳӣ ва тарзи тасвир ифода меёбад ва рангорангии мавзӯӣ, махсусияти таъинот, васоил ва усули баёни фикрро дар асари таълифӣ нишон медиҳад.

Мо дар ин китобча жанрҳоро аз рӯи ҷинсу намуд тақсим накардаем, зеро бисёр жанрҳо ҳамҷаворанд, аз хусусияти якдигар истифода мебаранд. Масалан, ҷузъиёти хабар, мусоҳиба, репортаж ва очерк дар ҳамаи жанрҳо дучор меояд, дар ҳоле ки барномаҳое аз қабили «Пайванд» (телемост) танҳо хоси телевизион аст.

Ҳар як жанр доираи муайяни фарохонд дорад. Масалан, иштирокчиёни пресс-конфоронс фақат ба масъалаҳое дахл мекунанд, ки дар доираи ҳамон ҷамъомад баррасӣ мешавад. Аммо ҳастанд жанрҳое, ки дар вақти татбиқ фарохондашон васеъ шуда меравад. Масалан, таҳқиқи журналистӣ аз чунин жанрҳост.

Имрӯзҳо қариб ҳама дар бораи ток-шоу ҳарф мезананд. Вай аз сӯҳбати оддӣ пайдо шуда, ба жанри мустақил табдил ёфтааст. Ток-шоу аз ҷузъиёти публитсистика ва бадеият фаровон истифода мекунад. Айни ҳамин маъниро ба бозиҳои телевизионӣ низ нисбат додан мумкин аст.

Жанр гӯё хишт-масолеҳест, ки аз он биноҳои гуногунҳаҷму гуногунмавзӯи журналистика бунёд мегардад. Устувории ин бино ба ҳунари бинокор-журналист вобаста аст.

Инак, ана хишту ана майдон. Эҷод кунед, ҳаводорони калом!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҶАҲОНИ РАНГИНИ АХБОР

Солҳои аввали бозсозӣ дар телевизион як хитобае ҳар замон дар олами ахбор ба гӯш мерасид, ки чунин садо медод: аз ташвиқу тарғиби мутамарказ ба омӯзиши ахбори воқеӣ. Ва воқеан ҳам маҳз ҳамон солҳо газетаҳо ба ҷустуҷӯи қолиби эҷодие шурӯъ карда буданд, муддати тӯлоние нагузашта ин авзоъ телевизионро ҳам фаро гирифт.

Истилоҳи ахбор (аз калимаи лотинии informatio-огоҳӣ, нақл) ба таъбири муаллифони доиратулмаорифи ВАО-и Россия «таҷаммуи маълумотест, ки журналист аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъ меоварад ва ҳангоми таълифи асарҳояш ба кор мебарад; ҳамчунон маҷмааи ахбори шарҳнадида аз рӯйдодҳои актуалӣ, маълумоти тоза аз соҳаҳои гуногуни ҳаётро низ ахбор гуфтан мумкин аст»[1]. Дар маҷмӯъ калимаи «ахбор» мафҳуми гуногунпаҳлу аст, дар ҳама гуна асари журналистӣ маълумоте ҳаст. Масалан, интиқоли намоиши наврӯзӣ ё бозии футбол ва ғайра маълумоти зиёде медиҳад. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ хабар ва ахбор ба маънои огоҳ кардан, воқиф намудан оварда, бо иқтибосе аз Садри Зиё қувват дода шудааст:«Чанд нафар аҳли бозор ҷамъ омада, ҳар қадар ахбор мекарданд, ҳазрати Охунд исрор мекард»[2]. Албатта, аз он «ахбор» то ахбори имрӯз тафовут зиёд аст. Баъзеҳо ҳоло ахбор гуфта маълумоти ҳамин ҳозир, ҳамин рӯз расидаро мегӯянд.

Чаро чунин мегӯянд? Ҳама ба табиати одам вобаста аст. Умуман одам бе маълумот зиста наметавонад, барои тамоми гунаҳои фаъолияти вай ахбор зарур аст, чӣ ҳоҷат ба маълумот роҷеъ ба рӯйдодҳои кишвару ҷаҳон, сиёсат, иқтисод, илму фарҳанг, муҳити зист ва умуман воқеияти иҳотакардаи инсон.

Ахбор дар матбуот, радио ҳам қимати бузург дорад, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо бо ахбори телевизионӣ баробар шуда наметавонад. Вай на танҳо бо воқеаи рухдода одамро мустақиман пайванд медиҳад, балки ӯро иштирокчии бевосита мегардонад. Ба ибораи дигар, журналистикаи телевизионӣ муҳимтарин воситаи мухобирот буда, миллионҳо одамонро ба ҳам пайванд ва ҳамкор месозад. Барои иттилоъ аз таҳқиқоти И. М. Дзялошинский як далелро мисол меорем: як амрикоӣ ба ҳисоби миёна 12 соли ҳаёт, англис-11, франсавию итолиёӣ 9 соли ҳаёташонро дар назди телевизор мегузаронанд. 90 фоизи россиягиҳо бо воқеаҳои рухдодии олам танҳо аз телевизион воқиф мешаванд (Российский журналист в посттоталитарную эпоху. – М., 1996. – С. 147).

Як идда олимони рус ва амрикоиву англис қолибияти барномаҳои ахбориро ба таври зайл тавсиф додаанд:

- саршории ахбор, яъне ҳамкории журналист – матн - аудитория;

[1] Власть, зеркало или служанка. Энциклопедия жизни российской журналистики. В 2-х т. – М., 1998, Т. 1. – С. 195.
[2] Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ. 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - С. 104.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- пуррагии ахбор, яъне таофуқи ахбор ба талаботи гиранда (аудитория), имкони дарки маълумоти овардашуда аз тарафи бинандагон, мувофиқати завқи тамошобин бо журналисти телевизион;

- тасаввуроти (бунёди) фарогирии пурраи рӯйдодҳои рӯз, маълумоти фарогир доир ба сиёсат, фарҳанг ва умуман вазъи ҷаҳони муосир.

Ин ҷо бояд як ҳақиқатро андаке мадди назар дошта бошем. Муҳимтарин ҷиҳати ахбор, ба гуфтаи Г. Лассуэл, ин ташхиси саволҳои «кӣ гуфт?, чӣ гуфт?, бо кадом шабака?, ба кӣ? ва чи гуна гуфт?» мебошад. Бояд дар назар дошт, ки журналисти телевизион ҳамеша се навъи истеъмолкунандагони ахборро ҷудо карда меистад:

- одамони аз нигоҳи маънавиёт ғанӣ - чунин ашхос дар зиндагӣ фаъоланд, ба рӯйдодҳои олам таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунанд, ахборро сари вақт ва дуруст қабул ва ҳазм мекунанд, ба тарзи пешниҳодоти маълумот ҳавасманданд;

- ашхоси касбию вазифадор - ба ахбори иҷтимоию сиёсӣ бо рағбати хоса муносибат мекунанд, бештар чашминтизори маводи таҳлилианд;

- манфиатдорони ахбор – ин гурӯҳи одамон чун сарчашмаи иттилоъ ва саргармкунӣ хидмат мегузоранд, ба ташреҳу тавзеҳи рӯйдодҳо рағбат надоранд, нисбат ба ду гурӯҳи аввалӣ маълумоти камтар доранд.

Ба гуфтаҳои Г. Лассуэл такя карда ва қолиби дугонаи мухобираи эътимодбахши К. Ховленд ва И. Ҷонилро кор фармуда, қолиби зерини назарияи мухобироти оммавиро тартиб додан мумкин аст:

**Ахбор маълумотест, ки ҳамеша ба навие такя мекунад.**

Аз гуфтаи боло ба саволи риторикии зайл мерасем:

***Навигарӣ чист?***

Мутахассиси хадамоти маводҳо дар НТВ ва баъдан роҳбари ВГТРК О. Б. Добродеев ба он чунин таъриф додааст: «Навигарӣ онест, ки имрӯзро аз дирӯз мутафарриқ месозад». Ин гуфта, албатта, ташхиси садфоизаи ахбори навин нест, вале онро аз дигар намуди мавод ҷудо месозад.

Яке аз аввалин назариячиёни телевизиони рус Р. Боретский овардааст, ки «ҳар гуна маълумот бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад». Ба ин гуна талабот ӯ, пеш аз ҳама, муътамадӣ, навигарӣ, пуррагии далел ва замонӣ будани хабарро шомил месозад[1]. Ин нукта дар нақшаҳои К. Шепкон, пантеграммаҳои Г. Лассуэл, қолибҳои М. де Флер, У. Шрамм, Ҷ. ва М. Райли, А. Н. Алексеев, Е. П. Прохоров, М. Лауристин ва Ю. В. Воронсов, ки хеле баъд, то нимаҳои соли 2005 ба табъ расидаанд, низ дучор меояд.

Аз ҷумла, Эверт Дэннис[2] ба навигариҳо чунин талаботи қолибии коммуникатсияҳои Ғарбро нисбат медиҳад:

- зиддиятнокие, ки ҳаяҷон ё тааҷҷубро ба амал оварад;

---

[1] Муфассал ниг.: Борецкий Р. А. Телевизионная программа. – М., 1967. – С. 18-24.
[2] Дэннис Э, Мэррил Д. Беседы о Масс-медиа. – М., 1997. – С. 205.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- фалокат (завол, шикаст);
- шӯҳрат (таваҷҷӯҳи мардум ба ягон шахс ё шахсият);
- навигарӣ (ягон чизи ғайриоддӣ, фавқулодда);
- манфиатнокӣ (ба ҳама муҳим будан);
- қаринияти маҳаллӣ (проблемаи маҳал).

Ҷолиб аст (ва барои журналистони мо бисёр муҳим), ки журналистони хориҷӣ ҳини таъкиди навӣ аввалтар аз ҳама хабарҳои ватаниро таъкид менамоянд ва баъдан аз ахбори хориҷӣ ёд мекунанд.

Ҳар чизи наве, ки ё дар маҳал ё дар миқёси бузург шӯҳрат пайдо мекунад, ***навигарӣ*** аст. Комёбию нокомиҳои ташкилотҳои давлатӣ, сиёсӣ, корчаллонӣ, ҷамъиятӣ ва намояндагони онҳо, ки ба ном нюсмейкерҳоро (дар маҷмӯъ нюзрумҳо) ба вуҷуд меоранд, намоиши симои шахсиятҳои бузург ҳангоми амале, кашфиёте дар ин ё он соҳа метавонад ба танаи навигарӣ пайванд дода шавад.

Аз нигоҳи ***замоният*** бояд ба саволҳои зайл ҷавоб дарёфт: Навигарӣ то кадом андоза актуалӣ аст? Оё ин ё он маълумотро дар бастагӣ бо замон иброз доштан мумкин аст? Оё нашри он ба «нақша»-ҳои пешбинишуда халал намерасонад? Оё онҳо ба рӯҳи замон ҷавобгӯ ҳастанд ва санаду далелҳои кофӣ доранд?

Аз нигоҳи ***таъсирбахшӣ*** навигарӣ бояд ба саволҳои зайл ҷавоб диҳад: оё навигарӣ таваҷҷӯҳи бинандаро ба ахбори пасоянд ҷалб месозад? Мавзӯаш актуалӣ аст ё на? Оё ахбор ба ташаккули ақидае мусоидат менамояд? Оё он ахбор ба манфиатҳои шахси ҷудогона, оилаи вай ва ҷомеа мувофиқ аст ё на?

Ахбор бояд ботамкин, вазндор ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ***миқёсан васеъ*** бошад.

***Тазоди навигарӣ*** гуфта мо аз конфликти оилавӣ то бархӯрдҳои байналмилалӣ ва байнидинӣ, аз дору гири тунду тез то ҷанҷолҳои ғайричашмдошт, аз хархашаи гурӯҳҳои мафиоз то ифшои қасдҳои фаррохдомани сиёсӣ, аз тазоди байни неруҳои гуногуни ҷамъиятӣ то тақобул дар арсаи байналхалқиро дар назар дорем. Ҳамзамон ин ахбор бояд ҳамеша ғайриоддӣ бошад, аз ҳаёти одамони муқаррарӣ фактҳои навро фош кунад, ба ҳангомаи хурду бузург сабаб гардад.

Ин гуфтаҳо асоси воқеӣ доранд. Дар фаъолияти инсон, соҳаҳои кори ӯ ҷузъҳои асосие дучор меоянд, ки дар раванди фаъолият сайқал ва такмил ёфта, маҳорат ном мегиранд. Журналист ҳам аз чизе шурӯъ мешавад. Чист он? Мушоҳида? Мумкин. Одам ягон чизи ҷолиброро дида, дар он ҷузъиёте кашф менамояд, ки чанде пеш барояш маълум набуд. Ана ҳамин мушоҳидаҳоро дар дафтар ё коғазе ё наворе сабт мекунад. Навигарӣ ҳамин тавр тавлид мешавад. Онро хабар ҳам мегӯянд. Жанри хабарӣ ин маълумоти кӯтоҳест, ки дар он ягон далел, факт ҷо дода шудааст. Аз ин жанр дар тамоми ВАО истифода мебаранд. Гоҳо хабари кӯтоҳро маълумот (аз калимаи юнонии chronos – вақт) низ мегӯянд. Маълум мешавад, ки хроника (вақт) ин сабти воқеаҳои таърихӣ ба таври паиҳам будааст (шояд ба ҳамин сабаб журналистро таърихнигор ҳам мегӯянд).

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар телевизион дар ин жанр маълумоти шифоҳӣ ва сабти видеоиро меноманд. Кормандони кино чунин хабарро репортажи хроникавӣ (гузориши телевизионӣ) гуфтаанд. Одатан маълумоти хроникавӣ бидуни тасвир пахш мегардад ва маҳз ҳамин тарзи истифода онро ба хабари матбуотӣ шабеҳ гардондааст, ҳарчанд ихчамию соддабаёнӣ дар телевизион мавқеи баландтаре дорад.

Ҳам ахбори шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ метавонанд бо навор, тасвир ороиш ёбанд, ки онҳоро сужети телевизионӣ (видеосужет) мегӯянд. Видеосужетҳо ду навъ мешаванд.

***Якум,*** маълумоти расмӣ, анъанавӣ аз сессияҳои парлумон то пресс-конфронс. Одатан наворбардорони ботаҷриба чунин сужетҳоро бидуни дахолати журналист ба навор мебардоранд. Журналист дар як варақ чанд нуктаи асосиро ишора мекунад. Кадрҳои умумӣ, миёна ва калон вобаста ба воқеа наворбардорӣ шуда, вобаста ба матн васл (монтаж) мешаванд.

***Навъи дигари*** сужетро сенариядор ё муаллифӣ мегӯянд. Дар ин намуд саҳми журналист бештар аст. Вай фактеро интихоб мекунад, ки ба қавле, пардазеб буда, хислат ва ҷиҳатҳои хос дошта бошад. Одатан, журналистони соҳибтаҷриба чунин сужетро дар ҷараёни навор таҳия мекунанд. Донишҷӯёни таҷрибаомӯз бошанд, плани сенария навишта, бахшҳои сужетро муайян менамоянд. Ин гуна видеосужетро минирепортаж (репортажи хурд) меноманд (дар Тоҷикистон бо номи гузоришҳои телевизионӣ машҳур аст). Дар ин гуна сужет иштироки муаллиф ҳатмист, вай ҳангоми навор шахси расмӣ ва мухтор буда, ҳама гуна масоили дар майдончаи навор ба вуҷудомадаро ҳаллу фасл мекунад.

Аз рӯи назарияи фаъолияти телевизиони муосир ин вазифаро бояд продюсер ҳал кунад, вай на танҳо дар таъмин бо маблағ, балки ба ташкили навор, масоили эҷодию маъмурӣ масъул бошад.

Ба ҳамин тариқ кори журналист дар сужети муаллифӣ аз марҳалаҳои зерин иборат аст: интихоб ва тасдиқи мавзӯъ, омӯзиши объекти навор ва таҳияи плани сенария, иштирок дар навор, монтаж ва таълифи матн.

Матни сужет мухтасару оддӣ, вале бояд ҳамеша ба саволҳои бинандагон ҷавобгӯ бошад. Муҳим аст, ки қисми шифоҳии сухан (анонс) бахши тасвириро такрор накунад (мутаассифона ин қоида аксари маврид риоя карда намешавад). Ин чиз бисёр содда аст, вале ба он хеле кам риоя мекунанд. Масалан, дар анонс меояд: «Дирӯз Президенти Тоҷикистон дар тантанаи солинавии мактаббачагони аълохони пойтахт иштирок кард». Вақти намоиши қисми асосӣ ин ҷумла аз нав такрор мешавад, ки дилбазан аст. Ё мисоли навъи дигари такрор: «Ба минбар Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон наздик мешавад. Зал ӯро бо хушҳолӣ ва кафкӯбиҳо истиқбол мегирад.» Тарзи пешвозгирии Президентро ҳама мебинад ва он ба такрор ҳоҷат надорад.

Назария аз таҷриба, амалия мерӯяд. Ҳарчанд маҳз назария анъанаҳоро омӯхтаву полида, дурнамои инкишофро муайян мекунад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Телевизиони ахборӣ дар мамлакати ҳамон вақт муштараки мо (ИҶШС) соли 1955 ба вуҷуд омад – аввалин репортажи Ю. Фокин аз фабрикаи «Красный Октябрь». Идораи хабарҳои охирин бошад, соли 1956 пайдо шуд. Аввалин китоб бо номи «Жанрҳои ахбории телевизион» аз тарафи Р. А. Боретский навишта шуда буд. Онро Шӯъбаи илмию методии Кумитаи давлатӣ оид ба телевизион ва радиошунавонӣ (то соли 1961 КДРТ) соли 1961 ба нашр расонд. Муаллиф аз рӯи фаъолияти ҳамонвақтаи телевизион системаи жанрҳои ахбориро ба таври зайл ташхис карда буд:

***Жанрҳои шифоҳӣ*** – сухангӯӣ, сӯҳбат, мусоҳиба – баъдтар пресс-конфронс (мубоҳиса).

***Жанри киноахборӣ*** – ахбори киноӣ, кинорепортаж, филми ҳуҷҷатӣ.

***Репортажи телевизонӣ*** – намоиши воқеа бо шарҳаш, репортажи проблемадор.

***Жанрҳои гуфтугӯӣ*** – ахбор бо мутолиаи натток, сухан дар кадр (ҷӯр), тавзеҳ, мусоҳиба.

***Мусоҳибаи оммавӣ*** – пресс-конфронс.

***Фотоахбор*** – ахбори суратдор, фоторепортаж, лавҳаи суратдор.

***Телевизиони мустақим*** – интиқоли мустақими репортаж (бо шарҳ, ё ташкилӣ).

***Киноахбор*** – кинохабар, ҳисоботи киноӣ, кинорепортаж.

Чунон ки мебинем, дар ташхиси жанрҳои ахборӣ як андоза бемантиқӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳолат дар китоби соли 1967 дарҷнамудаи Э. Г. Багиров ва Р. А. Боретский низ ба мушоҳида мерасид[1]. Муаллифон, табиист, дар таъини жанрҳо ба намунаи дигар жанрҳо дар журналистика (матбуот, радио) ва адабиёт такя кардаанд. Ҳаёти воқеӣ низ аз мадди назар дур карда нашудааст. Чунон ки медонем, жанр як воситаи инъикоси ҳаёти воқеист, хусусиятҳои мундариҷавии онро рӯйдодҳои зиндагии рӯзмарра муайян мекунад. Дар китоби дарсии нашри охир (соли 2002) танҳо ҳисобот, суханронӣ дар кадр, мусоҳиба ва репортаж шомил карда шуда, анвои ин гунаи фаъолият дар дохили ин жанрҳо тавзеҳ дода шудааст.

Муаллифони китоби «Телевизионные новости России» (2002, 2004) Л. Л. Свик (Цвик) ва Я. В. Назарова бошанд, жанрҳои ахбории телевизионро дар асоси гуфтаҳои назариячиёни рус ва хориҷӣ аз рӯи хосияти маводи ахборӣ (саршории тасвир, ҳаракат, воқеият ва моҳияти он) муайян кардаанд. Ба пиндори онҳо маводи телевизионӣ бидуни тасвир маъно надорад ва бо вуҷуди баъзе тафовутҳо дар кадр, кулли онҳо рӯйдодро аз паҳлуҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Ба ин фикр, мо, муаллифони китоби мазкур розӣ ҳастем. Ҳангоми таҳияи мавод мо қариб ки доир ба жанр фикр намекунем. Онро одатан аз идора «муайян» мекунанд. Масалан, мегӯянд, ки «як ҳисобот омода соз» ё «мусоҳиба гир» ё «репортаж таҳия намо» ва ғайра. Вале аксар мегӯянд, ки «сужет бардор». Албатта, сужети ахборӣ ба сужети асари бадеӣ ҳеҷ қаробате

[1] Багиров Э. Г., Борецкий Р. А. Жанры телевидения. – М., 1967.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

надорад, вай як вожаи касбии телевизион аст ва маънои як воқеаи рухдодаро ифода менамояд. Жанр гуфта як навъи инъикоси воқеиятро гуфтаанд, ки дар ҳаёт рӯй додааст ё тарзи вуқуфи рӯйдодро нишон медиҳад, як навъ умумиятдиҳии воқеа аст.

Назариячиёни барномаҳои ахборӣ таснифоти жанрии онҳоро аз рӯи махсусиятҳои таъинотӣ муайян кардаанд. Аз ҷумла, Г. В. Кузнетсов навиштааст: «Мо намуди намоишҳоро (типи барнома) аз рӯи вазифаи асосии онҳо, яъне аз рӯи «кори» иҷро мекардаашон аниқ месозем»[1]. Аз ин шарҳҳо ду намуди барнома муайян шудааст.

1. Барномаи (навгониҳои) ахборӣ – маълумоти доимӣ дар бораи воқеаҳои рӯзмарра, ки аз 8-14 лаҳза (сужет) иборат аст ва аз сиёсат то ба обу ҳаворо фаро мегирад.
2. Барномаи махсуси навигариҳо – интихоби ахбори навин дар як мавзӯъ ё самт (мӯд, фешанӣ), натоиҷи мусобиқаҳои варзишӣ, ҷиноят, олами нақлиёт, кишоварзӣ ва ғайра).

Ба ин тартиб мо метавонем аломатҳои асосии маълумоти тозаро муайян намоем:

- мӯътамадӣ, навӣ, пуррагии иттилоъ, зарурият (ташхиси Р. А. Борецкий);
- тазоднокӣ, фалокат, шӯҳрат, навӣ, манфиатнокии баланд, муҳимияти минтақавӣ (Э. Дэннис);
- наздикии мавзӯи навигарӣ ба гирандаи ахбор, замоният, миқёс, конфликтнокӣ, ғайриоддӣ будани иттилоъ, дахлдорӣ ба шахс (В. С. Воскобойников, В. К. Юрев);
- фаврият (Л. Браун).

Ҳама гуна нашри ахбор аз матни натток, репортажҳои мустақим ва сабтшуда ва моводи хабарнигорон иборат аст. Махсусияти жанрӣ дар гунаҳои пахши иттилоъ маълум шуда меистад.

[1] Кузнецов Г. В. Классификатор программ // ТЭФИ-обозрение, 1999. - № 7. – С. 38.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# СУХАНРОНӢ ДАР КАДР (ПАРДА)

Вақте сухан аз гуфтори шифоҳӣ мерафт, мо роҷеъ ба ахбори шифоҳӣ (хроникавӣ) ёдовар шуда будем. Ҳама гуна муроҷиати инсон аз экрани телевизион ба аудиторияи васеъ, дар ҳоле, ки ӯ объекти ягонаи намоиш аст, суханронӣ дар кадр (байни мардум чун баромад маъмул аст) номида мешавад. Аслан суханронӣ жанр набуда, як воситаи ба бинанда расондани ҳама гуна маълумот аст. Аз ахбори кӯтоҳи сухангӯй то сӯҳбати мутахассиси болаёқати ҳама гуна мавзӯъ (фаразан сӯҳбати Абдуқодир Маниёзов, Иброҳим Усмонов, Давлаталӣ Давлатов) баромад дар кадр номида шудааст.

Суханронӣ метавонад бо намоиши киномавод, тасвирҳо, маводи графикӣ, ҳар гуна санадҳо идома ёбад, агар суханронӣ берун аз студия воқеъ гардад, манзараҳои атроф ба сӯҳбат мӯҳтавои дигар мебахшад, аз муносибати муҳит ба мавзӯъ далолат медиҳад.

Суханронӣ яке аз шаклҳои хуби санъати наттоқӣ аст. Вай аз замонҳои қадим чун яке аз василаҳои муҳими таъсиррасонӣ вуҷуд дошт. Ҳанӯз соли 335 то милод Арасту дар асари хеш «Риторико» се нақши ҳунари воизиро муайян карда буд: принсипҳою созмони гуфтор; хислат ва маҳорати шахсӣ ва техникаю усулҳо ва тарзи сӯҳбат. Ин усулҳо дар замони мо ҳам муваффақона истифода мешаванд.

Ҳамин ки телевизион пайдо ва байни ҷомеа маъмул гашт, зарурати муайян кардани табақаи одамони сухангӯ ба миён омад. Як замон мо наттоқ, воиз гуфта одамонеро меномидем, ки дар ҷамъомадҳои серодам (анҷуман, форум, симпозиум, сӯҳбат дар мавзӯи мӯҳим) хеле хуб сӯҳбат мекарданд. Дар телевизион сухангӯ мустақиман ба телекамера нигоҳ карда, сӯҳбат мекунад, вале хаёлан муроҷиаташ ба мардум аст. Аудиторияи чунин наттоқ бениҳоят васеъ мебошад.

Маҳз оммавияти аудиторияи телевизион, миқёсан васеъ будани шахсияти гӯяндаи телевизион талаботро ба шахсияти ӯ хеле зиёд мекунанд. Пеш аз ҳама, вай бояд шахсияти аз нигоҳи мавқеи ҷамъиятӣ (сиёсӣ, давлатӣ) ё касбу пеша (ихтироъкорон, олимон, ҳунарпеша, адибон) ба бинанда шинос бошад, ё бо тақозои шароит иттилои боарзиш (тарҷумаи ҳоли хоса, шоҳиди воқеаҳои нодир) дошта бошад. Албатта, барои гӯянда (баромадкунанда) маҳорати рафта-равон, ботамкин таҳлил карда тавонистани факту воқеаҳо, бомантиқ ва мусалсал ҳарф зада тавонистан, натиҷаҳои ғайричашмдошт бардоштан низ бисёр муҳим аст. Маҳз аз ҳамин нигоҳ дар парда пайдо шудани на танҳо ходимони намоёну дорои имкониятҳои васеъ, балки журналистон басо табиӣ намо медиҳад, зеро маҳз ин тоифаи одамон иттилои аз ҳама бештар ва ба ҷустуҷӯю пайдо кардани маълумот рағбати аз ҳама зиёд доранд ва бо ёрии васоити техникӣ бо аудитория робитаи хубе барқарор карда метавонанд.

Асоси ҳар гуна баромади телевизиониро ғоя ва фикре ташкил медиҳад, ки дар заминаи факту далелҳои муназзам ҳосил мешавад. Маҳз субoти фикре тақозо менамояд, ки гӯяндаи экран ба телевизион бо санад

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ва далелҳои қотеъ ҳозир шавад, дар мубоҳиса барои ақидаҳои солим омода бошад. Пас, матни баромад бояд фаъол ё чунон ки русҳо мегӯянд, «ҳамлавар» буда, аз рӯи қонунҳои драматургия созмон дода шавад.

Саволе ба миён меояд, ки суханронии як кас (монологӣ) чи тавр метавонад ба қонунҳои драматургӣ (ғолибан муколамавӣ) мувофиқат кунад. Гап ин ҷост, ки сухангӯи телевизион хаёлан ҳамеша бо бинанда дар мубоҳиса аст, ӯ тахминан талаб, дархост ва саволҳои бинадагонро эҳсос карда, бо онҳо баҳс меорояд.

Ана ҳамин ҷиҳат принсипҳои таҳияи ҷамъиятии сухангӯро ба миён меорад. Созмони композитсионии сухан ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна суханронист, мавҷудияти ҷузъҳои зиёде онҳоро мантиқан ба ҳам пайванд медиҳад. Талаботи асосӣ ба суханронӣ (баромад) – ин муайян кардани мавзӯъ, ба даври масоили муҳокимашаванда ҷалб кардани бинандагон, ошно кардани онҳо бо факту далелҳои асосӣ ва баровардани хулосаҳои кӯтоҳу бамаънӣ аст. Вале агар муқаддима (шиносоӣ) аз сухани асосӣ тӯлонитар бошад, тамошобин ба он бовар нахоҳад кард, хулосаҳои бе факт тасаввуротеро ба миён меорад, ки гӯянда ба хулосаҳои худаш бовар надорад, суханаш мӯътамад нест.

Комёбии баромад дар телевизион ба техника, приёмҳое вобаста аст, ки сухангӯ аз онҳо истифода менамояд. Муҳим аст, ки суханҳои аввал бениҳоят оддӣ ва таъсирбахш бошанд. Ин гуна калидчаҳою мурватҳо зиёданд – ягон мисоли ҳаётӣ, ягон саволи ғайриоддӣ. Албатта, барои чунин усулро истифода бурдан худи сухангӯ бояд мантиқан сӯҳбаташро тасаввур карда тавонад. Ин содда нест, муносибати эҷодиро талаб менамояд.

Дар ҳар сурат, журналисте, ки дар парда сухан мегӯяд ё шахсеро ба чунин кор омода месозад, бояд бо амалиёти риторикии сӯҳбат ошно бошад (ҷузъиёти суханро донад, матнро бо сӯҳбат ҷӯр созад, аз ҷузъ ба кулл, аз содда ба мураккаб гузаштанро донад ва ғайра), аз илми маонӣ (?) – истифодаи маҷоз, киноя, маҷози мурсал, калимаҳои сермаъно – синонимия, муболиға ва эвфенизм огоҳӣ дошта бошад.

Дар кадр мо на танҳо мешунавем, балки мусоҳибро мебинем. Дар чунин ҳолат таъкидот, имою ишора, симои сухангӯ ҳам нақши муҳим дорад. Ҳамаи инро журналистон ҳангоми дарсҳои амалӣ бояд омӯзанд.

Дар телевизион се шакли суханронӣ маъмул аст:

- баромади матндоре, ки онро худи сухангӯ омода кардаву журналист таҳрираш кардааст;
- суханронӣ аз рӯи ҷузъҳо (тезис) – дар онҳо рукнҳои асосии суханронӣ ишора шудаанд. Онро як навъ плани сенарияи баромад ҳам мегӯянд;
- баромади таваккалӣ (бадеҳатан) (бетайёрӣ) – дар чунин ҳолат ба сухангӯ танҳо мавзӯъ ва вақти баромад (чанд дақиқа) маълум асту бас.

Бояд тазаккур дод, ки боэътимодтарин усули суханронӣ дар кадр ин баромади матндор аст, зеро дар сухангӯии тезисдор ва бетайёрӣ саҳву ғалат дар тавзеҳи мавзӯъ бештар роҳ меёбад. Агар баромади

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шахсиятҳои машҳур, суханронии сарони давлату ҳукумат – Президент, спикери парламент, раиси ҳукумат ва ғайра чун барномаи телевизионӣ пешкаш карда мешуда бошад, бояд матн пешакӣ тайёр ва суфта шуда бошад. Чунин матнро гӯянда бидуни нигоҳ ба камера мехонад (бо ёрии телесуфлер) ва тасаввуроте ҳосил мешавад, ки гӯянда мустақиман ба бинандагон муроҷиат карда истодааст. Дар ин ҳолат масъулияти журналист дучанд мегардад. Ҳатто дар сурате, ки мансабдори олирутба сухангӯи (матннавис, сниграйтмен) худро дошта бошад ҳам, журналист вазифадор аст, ки матнро хонда, соҳиби онро ба сӯҳбат омода созад.

Умуман, дар телевизион хондани матн чандон хушоянд нест. Аз ин рӯ, бо маслиҳати дуҷониба (бо журналист) агар сухангӯй озод сӯҳбат карда натавонад, барояш пасманзари тасвирӣ омода мекунанд. Дар ин ҳолат ӯ матнро аз паси кадр мехонад (албатта, бо шарти гоҳ-гоҳ рӯи парда овардани ӯ). Дар ҳар сурат шахсияти сухангӯ аз ҳама муҳим аст, зеро баранда ва мӯътакиди маъно вай ба ҳисоб меравад.

Баромад дар кадр оддитарин шакли намоиш аст. Шахси сухангӯ дар як муддати бисёр кӯтоҳ бояд аз тамоми имкониятҳои маънавӣ ва эҷодӣ истифода намояд, суханаш оҳанги публитсистӣ дошта, бо муроҷиат ба мардум, содда, фаҳмо бошад. Ин гуна сӯҳбатро журналист омода месозад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ҲИСОБОТ

Яке аз жанрҳои хабарие, ки аз унсурҳои ҳамаи гунаҳои иттилоот истифода бурда, ба саволҳои чӣ?, дар куҷо? ва кай? ҷавоб меҷӯяд, ***ҳисобот*** аст. Вай аз ҳар гуна рӯйдод ҳатталимкон маълумоти пурра ва аниқ медиҳад.

Асоси мавзӯдияти ҳисобот ягон мавзӯъ аст, ки воқеан иҷтимоӣ буда, баъзан аҳамияти давлатиро инъикос мекунад. Тасвири дақиқ, расмӣ ва ҷузъ ба ҷузъи воқеа дар ҳамин хусусияти жанр нуҳуфта аст. Ҳисобот мустақим ва сабтшуда мешавад. Ҳисоботи мустақим ин интиқоли бевоситаи воқеа аст. Масалан, 22 декабри соли 2005 маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ оид ба вазъияти соҳаи маориф баргузор гардид. Наттоқи телевизион аз ин хусус хабар дода мегӯяд, ки дар маҷлис роҳбарони воломақоми давлат, ҳукумат, парлумон, раисони вилоят, навоҳӣ, кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президент, мудирони идораҳои маориф ва намояндагони ВАО иштирок доштанд. Дар маҷлис Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маърӯза хонд.

Баъди чунин иттилоъ дар кадр Президент пайдо мешавад. Дар ҷараёни суханронӣ ӯ роҳбарони алоҳидаи соҳаҳои гуногунро, ки ба маориф робита доранд, ном мебарад. Номбурдагон аз ҷой боло шуда,ба саволҳои Президенти кишвар ҷавоб мегӯянд. Ин тарзи намоиши мустақим ба бисёр масълаҳои мубрами соҳаи таълиму тарбияи наслҳои наврас дар ҷумҳурӣ равшанӣ меандозад.

Шароитҳои нави иҷтимоӣ – сиёсӣ, ки телевизионро бисёрбарномавӣ сохтанд, татбиқи муносибатҳои бозорӣ, ки рейтинг ва имиҷи (ҳамзамон манфиатнокии) барномаро дар ҷои аввал гузоштаанд, мубориза барои тобу тавони рақобатнокӣ, такя ба ҳангома (аввал дар шабакаҳои ғайридавлатӣ, баъдтар ҳама ҷо), имкониятҳои молиявӣ барои рушди базаи моддию техникӣ ва тавлиди шаклҳои нав ба нави барномасозӣ такон доданд, фаврияти ахбори телевизиониро чанд-чанд баланд бардошта, имконе фароҳам овард, ки воқеа дар ҳоли рухдодаш аз дидгоҳи гуногун намоиш ва шарҳу эзоҳ дода шавад.

Ҳисобот аз маълумотҳои телефонии мухбирон аз маҳал оғоз ёфтааст. Ба вуҷуд омадани васоити алоқаи кайҳонӣ (Fly Away – автомобили дорои техникаи хоса барои интиқоли воқеа аз ҷои рӯйдода) имкон фароҳам овард, ки воқеа дар айни рӯйдодаш ва айнан ба бинанда расонда шавад.

Плани сенарияи ҳисобот пешакӣ навишта намешавад, аммо иштироки журналист ҳангоми навор шарт аст – ин ба ӯ дар навиштани матн кӯмак мерасонад. Ҳисобот бидуни шарҳу эзоҳи журналист ҳам намоиш дода мешавад. Ин дар он ҳолатҳо раво дида хоҳад шуд, ки воқеа ба дахолат эҳтиёҷ надошта бошад. Масалан, ягон чорабиниро ба магнитофон сабт карда, онро дар шакли ихтисор ба бинандагон муаррифӣ мекунанд. Ҳангоми ихтисор масъули чорабинӣ даъват карда, ҷойҳои ихтисоршаванда бо ӯ мувофиқа карда мешаванд (Ҳисобот аз

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷаласаи парламенти давлатҳои соҳибистиқлол, органҳои маҳаллӣ ва ғайра).

Интиқоли воқеаҳои расмиро низ баъзан ба жанри ҳисобот шомил месозанд. Масалан, Абдулмаҷид Усмонов дар даромадгоҳи толори Парлумони ҶТ истодааст.

Студия: Ассалом, Абулмаҷид Усмонов! Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси Миллӣ кай оғоз меёбад? Чи навигарӣ дар ҷараёни он ба мушоҳида мерасад?

Абдулмаҷид Усмонов: Навигарии калон нест. Фақат як ҷузъ мушоҳида шуд. Имрӯз ҳамаи журналистони ба қайдгирифташударо ба толор роҳ доданд.

Интиқоли мустақими воқеа ҳаргиз репортаж нест. Дар ин ҷо хабарнигор соҳибихтиёр нест. Вай аз чизҳое нақл мекунад, ки шояд (ва аксари маврид) нишон дода намешаванд.

Ва боз. Дар даҳсолаи охир интиқоли мустақим ба баъзе тағйиротҳои ҷолиб мувоҷеҳ шуд. Бори аввал ширкати НТВ дар режими ***on-line*** намоиш ташкил кард. Журналистон ва кормандони техникии алоқаи кайҳонӣ рӯи «лаъли»-ро ба сӯи фронт гардонданд. Дар парда рӯйдодҳои воқеии ҷанги рӯ ба рӯ намоиш дода шуд. Воқеаҳое, ки «чашми (?)» робитаи кайҳонӣ намерасид, бо камера навор шуда, дар фосилаи як-ду дақиқа баъд ба эфир мебаромад. Аммо ин усули интиқол бисёр қиммат аст. Масалан, НТВ ду дастгоҳи суперҳозиразамони Fly Away дорад, ки ҳар кадоме аз ду миллион доллари амрикоӣ гаронтаранд.

Мақсади асосии ҳисоботҳои зинда – интиқоли мустақим ин эффекти иштирок аст. Ин усули таъсирбахшӣ ҳамасола такмил мебинад.

Дар навори ҳисобот иштироки журналист ҳатмӣ нест, аммо вай бояд дар ҷараёни навор ҳатман иштирок дошта бошад.

Ҳисоботро метавонанд бидуни шарҳу эзоҳи журналист ҳам намоиш диҳанд. Ин, албатта, барои беғараз нишон додани ҳисобот ба амал бароварда мешавад. Масалан, воқеаро (аксаран фарҳангию фароғатӣ) сабт карда, онро дар вақти дилхоҳ пешкаш мекунанд. Дар чунин ҳолат мавод бояд тарзе таҳия (монтаж) шавад, ки ба репортажи тавзеҳдор монанд гардад. Аз ин рӯ, гоҳо пахши мустақими воқеаҳоро низ ҳисобот мегӯянд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУСОҲИБА

Журналист дар ҳар гуна ҷаласаю вохӯриҳо иштирок намуда, бо одамони гуногун вохӯрда, бо сарчашмаҳо робита карда, пеш аз ҳама, аз онҳо чун сарчашмаи ахбор маълумот ҷамъ меоварад. Ҳама гуна муоширати инсонӣ, чун қоида, аз саволу ҷавоб иборат аст.

Дар жанрҳои публитсистикаи телевизионӣ, ки сухан чун як навъи тасвир истифода мешавад, муколама ва муошрати инсонӣ, чун раванди мухобиротӣ нақши беҳамто доранд. Дар онҳо имою ишорат ба ҳайси як рукни бисёр муҳими системаи иҷтимоӣ истифода мешаванд.

Интервю (аз калимаи англисии interview – вохӯрӣ, сӯҳбат), мусоҳиба як жанри публитсистика аст, ки сӯҳбати журналистро бо шахси дорои моҳияти иҷтимоӣ дар масъалаҳои доғи рӯз дар назар дорад.

Маънои аслии префикси inter хамкорӣ, самтнокӣ буда, яке аз маънохои асосии калимаи view – ақида, фикр аст. Пас, интервю ин табодули афкор ва андеша аст.

Мусоҳиба дар асри XIX ба жанри асосии матбуот табдил ёфта буд. Телевизион имкониятҳои ин жанрро бо таъсирнокӣ боз ҳам васеъ гардонд.

Ба ҳамин тариқ, мусоҳиба барои журналист, аз як сӯ, як намуди ба даст овардани иттилоъ ба воситаи муошират бо инсони дорои ахбор аст, аз сӯи дигар, як жанри публитсистист, дар шакли сӯҳбат ва муколама. Журналист ба воситаи саволу ҷавоб аз мусоҳибаш доир ба мавзӯи дилхоҳ маълумот мерӯёнад. Аммо фақат сӯҳбати оддӣ чизе намедиҳад, зарур аст, ки мусоҳибагиранда мусоҳибро хуб шиносад, мавзӯъро аз паҳлу донад, бо шавқ ва ҷолиб сӯҳбат ороста тавонад.

Баъзе журналистони навкор гумон мекунанд, ки пурсидан аз ҷавоб додан осонтар аст. Ин ғалати маҳз мебошад. Мусоҳиба эҷодиёти муштарак аст. Саволҳои журналист бояд ғайриоддӣ ва барои бинандагон наву оригиналӣ бошанд. Барои ин мусоҳибагиранда бояд омодагӣ бигирад, адабиётро мутолиа кунад, аз маводи Интернет огоҳӣ дошта бошад, ҳаёти шахси мусоҳибро хуб донад.

Мусоҳиба жанрест, ки дар телевизион мавқеи махсус дорад. Ягон нашри ахбор амалан бе мусоҳиба намешавад. Мусоҳиба ҷузъи ҳамешапайванди тамоми шаклҳои барномаи телевизионист. Мусоҳибае, ки мустақил ва мустақим равад, хеле кам аст.

Дар сотсиологияи амалӣ бисёр унсурҳое ҳастанд, ки барои мусоҳибаи журналист кор медиҳанд. Аммо ҳамчунон бояд дар назар дошт, ки мусоҳибаи иҷтимоӣ аз мусоҳибаи журналист тафовути калон дорад. Журналист кӯшиш мекунад, ки вобаста ба хислати намоиш аз таҷрибаи шахсӣ истифода карда, ҳам аз сифатҳои мусоҳиб ва ҳам талаботи барнома истифода барад. Дуввумӣ бештар ба ҷавоби саҳеҳ ва ягонаи саволҳо эътибор медиҳад, сотсиолог ба ҷавоби кӯтоҳтарин эҳтиёҷ дорад, дар ҳоле ки журналист ҷавоби гуногунпаҳлу, ҷолиб ва ҳамагир мехоҳад. Мусоҳибаи телевизионӣ хислати соф шахсӣ дорад. Хислати

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фардро муайян менамояд. Дар ҳар сурат монандиҳо дар мусоҳибаи иҷтимоъшинос ва журналист ҳаст.

Мисол. Вақти саволу ҷавоб аз мафҳумҳои сермаъно набояд кор гирифт, саволҳо бояд содда ва фаҳмо бошанд, вақти савол додан бояд алтернативаи он номбар нашавад, то мусоҳиб тавонад ба савол ҷавоби мушаххас диҳад. Аз ин тарзи мусоҳиба журналист ҳам истифода мекунаду иҷтимоъшинос ҳам.

Баъзе мутахассисон саволҳоро ба робитавӣ, нишонидор, барномавӣ ва эфирӣ ҷудо мекунанд. Ин барои он аст, ки журналист бо мусоҳиби худ аз наздик шинос шавад, тарзи муошират ва суханронии ӯро дониста гирад. Бо ин мақсад журналист аз роҳҳои гуногун: шӯхӣ, латифагӯӣ, ҳикоят дар бораи худ истифода мебарад. Масалан, вақте бори аввал мусоҳибро мебинад, хитоб мекунад: «Биёед, хуш омадед. Хайрият шуморо дидам! Аммо, бовар кунед, ман шуморо айнан ҳамин хел тасаввур мекардам».

Саволҳо оид ба шиносоӣ бояд сабук, самимӣ бошанд, ба пурсуков табдил наёбанд.

Вобаста ба вазифаи пешгузошташуда мусоҳиба ду хел мешавад: *мусоҳибаи ақида* ва *мусоҳиба-факт*. Аввалӣ ақидаи мусоҳибро доир ба ягон масъала, дуввумӣ маълумотеро доир ба ягон шахси конкрет муайян менамояд.

Мусоҳиба аз рӯи мавқеъ, хислат ва чун сарчашмаи ахбор ба се гурӯҳи одамон сару кор дорад:

1. Ходимони сиёсӣ, давлатӣ, мутахассисоне, ки дар ягон соҳа дониши васеъ доранд.
2. Шахсиятҳои маъруф, ки донистани тарҷумаи ҳол ва фаъолияташон барои бинандагон муҳим аст.
3. Одамони муқаррарӣ, ки дар ҳама ҷо вомехӯранд. Бо онҳо барои он мусоҳиб мешаванд, ки афкори умумро муайян намоянд.

Инак, як мисол. Наворбардор бо журналист ба кабинети президенти ширкат меоянд. Дар вақте ки журналист бо президент баъзе масъалаҳои ташрифашонро муайян мекунанд, оператор (наворбардор) камераро ба штатив устувор мекунад, ҷои асосӣ ва иловагии нурро муайян месозад, бо иҷозати соҳиби уток рӯшании болоиро ба ифоқа меоварад, курсиҳоро тарзе ҷо ба ҷо мегузорад, ки навор осон шавад.

Баъде ки журналист ва тоҷир паҳлуи ҳам (ё рӯёрӯ) нишастанд, наворбардор онҳоро дар плани умумӣ мегирад. Ин лаҳза дар пасманзари сухани наттоқ ба кор меравад. Танҳо чеҳраи хомӯши президент намоён аст. То лаҳзае, ки саволи журналист пурра садо медиҳад, камера дар ҷояш меистад. Фақат баъди ин камера наздик (наезд) ва қафо меравад. Чунин тарзи навор монтажи минбаъдаро осон мегардонад – плани миёнаро баъди плани бузург ҷо кардан мумкин аст.

Наворбардор суханони президентро бо диққат гӯш карда, вақте вай доир ба комёбиҳои корхонааш гап мезанад, камераро қафо гирифта, намуди умумии кабинетро нишон медиҳад. Ин барои панорама даркор аст. Вақте ки президент бо ҷӯшу хурӯш ба сухан мегузарад, наворбардор

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

наздик шуда, чеҳраи ҳаяҷонии вайро ба навор мекашад. Дар охири мусоҳиба ӯ хоҳиш мекунад, ки ҳозирон як-ду дақиқа аз ҷой нахезанд. Наворбардор онҳоро дар ин лаҳза бо кадри миёна мегирад. Ин кадрҳои аввалия ба ҳисоб мераванд – журналист чизе намегӯяд ва чеҳраи президент (тоҷир) дида намешавад.

Ҳамин гуна кадрҳоро (миёна ва ду симо) наворбардор барои саволҳо бо тартиби баръакс гирифта буд, яъне журналист савол доду хоҳиш намуд, ки ҷавоб нагӯяд. Дар идора ҳайрон мешаванд, ки оё ҷавоби аз рӯи ритм дар сӯҳбат мутафаррикро монтаж кардан мумкин аст? Ғайр аз ин, саволҳое, ки дар охир, баръакси саҳнаи аввал ба навор гирифта мешаванд, табиӣ намебароянд. Ан ин рӯ, журналист он ҷо ба кори наворбардор дахолат накунад ҳам, баъди бозгашт бояд онро ба шакли табиӣ сабт намояд. Чунин тарзи корро Ирвинг Фэнг[1] ҳам таъкид кардааст.

Умуман, мусоҳиба, ғайр аз дорои хислати расмӣ, бояд дар шароити табиӣ, сӯҳбати озодона гузарад ва яке аз мусоҳибон доир ба мавзӯъ бояд маълумоти бештар дошта бошад. Вале агар гӯем, ки журналист дар ҳама мусоҳиба яксон бошад, чандон дуруст намебуд.

Масалан, муроҷиат мекунем ба *мусоҳибаи расмӣ.* Вай бо мақсади тавзеҳи масоили сиёсати дохилӣ ва берунии давлат ташкил мешавад. Мусоҳибагиранда ҳам, табиист, бояд соҳибмартаба ва баобрӯ бошад.

*Мусоҳибаи ахборӣ.* Ҳадаф муайян кардани ақида ё маълумот аст. Ҷавобҳои мусоҳиб расмӣ нестанд ва табиист, дар фазои озод, бо ҳаяҷон, рағбат баён мешаванд.

*Мусоҳибаи портретӣ.* Як навъи хоси мусоҳиба аст. Барои ифшои шахсияти мусоҳиб истифода мешавад. Ба он ташхиси хислатҳои иҷтимоию равонии мусоҳиб муҳим аст. Вай гоҳо чун як қисми таркибии очерки телевизионӣ истифода мегардад.

*Мусоҳибаи проблемадор* ё *мубоҳиса*. Ҳадафаш муайян намудани нуқтаи назар ё роҳи ҳаллу фасли муаммо аст.

*Мусоҳибаи анкета* аз ашхосе гирифта мешавад, ки ба якдигар ягон навъ робита надоранд. Мақсади чунин мусоҳиба муайян кардани назари мардум ба ягон масъалаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра аст. Мусоҳибаи анкета одатан берун аз студия гузаронида мешавад.

Ҳар шахсе, ки ба саволҳои чунин мусоҳиба ҷавоб мегӯяд, бояд ба се меъёр ҷавобгӯ бошад: 1. баҳсро дӯст дорад; 2. дар бедор кардани эҳсоси шаҳрвандӣ манфиатдор бошад; 3. ақидааш ба ақидаи аксарият наздик бошад.

Барои гузаронидани мусоҳибаи анкета плани бисёр мухтасари сенария тартиб дода мешавад. Дар он саволҳои асосӣ, ҷои гузаронидани мусоҳиба ва хислати мусоҳибони оянда муайян карда хоҳанд шуд.

Журналист аз одамони синну сол ва маърифати гуногун ҷавобҳо гирифта, таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеаро нисбати проблемаи пешгузошта муайян мекунад. Гоҳо саволу ҷавоби журналист дар мусоҳибаи анкета барои филми калонҳаҷми публитсистӣ низ истифода бурда хоҳад шуд.

[1] Фэнг Ирвинг. Работа телеоператора службы новостей. – М., 2001. – С. 18.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зоҳиран *мусоҳибаи расмӣ* бисёр содда аст. Журналист саволҳое таҳия мекунад, ки аз нигоҳи сохтор ва композитсия ба ҳам алоқаманд нестан. Дар ин гуна мусоҳиба бозпурсӣ, аниқ кардани ҷузъиёти алоҳида мумкин нест. Шахси расмӣ ҷавобҳои расмӣ медиҳад. Онҳое, ки аз ин қоида берун ҷастанӣ мешаванд, ба ҳолати ногувор меафтанд. Ана як мисоли машҳуре, ки дар аксари китобҳои роҷеъ ба мусоҳиба оварда шудааст. Як вақте, ҳанӯз пеш аз оғози бозсозӣ, сарвазири Британияи Кабир Маргарет Тэтчер ба Москва ташриф овард. Се журналисти хеле баобрӯи байналхалқии шӯравӣ бо ӯ ҳамсӯҳбат шуда, ба нокомӣ гирифтор шуданд. Онҳо кӯшиш карданд, ки мусоҳибаи расмиро ба мубоҳисае табдил диҳанд. Онҳо нуқтаи назари худро (ки расман назари ҳамонвақтаи Давлати Шӯравӣ буд), ба сарвазир бор карда натавонистанд. Тэтчер сиёсатмадори бопринсип буд ва ақидаи журналистони шӯравиро комилан рад мекард. Журналистон назди ӯ на танҳо чун журналист, балки ҳамчун шахсони бетарбия беобрӯ гаштанд.

*Мусоҳибаи ахборӣ* аз намудҳои машҳури муколамаи телевизионӣ маҳсуб мегардад. Дар нашрҳои ахбор журналистон бо одамони касбу кори гуногун мусоҳиба ороста, аз онҳо роҷеъ ба мавзӯъҳои зарурӣ маълумот мегиранд.

Агар дар мусоҳибаи анкета саволҳо барои ҳама яксон бошад, дар мусоҳибаи ахборӣ барои ҳар як фард саволҳои ҷудогона махсус таҳия мегардад. Гоҳо аз пардаи телевизион саволҳое аз қабили «дар бораи фаъолиятатон доир ба... чизе бигӯед»-ро мешунавем, ки ин аз нотайёрии касбии шахси мусоҳибагиранда далолат медиҳад.

Журналисти огоҳ тахминан медонад, ки мусоҳиб чи мегӯяд ва шарт ҳам нест, ки аз ҳар мусоҳиба чизи навро интизор шавем. Барои ҳамин ҳам мусоҳибагиранда бояд сӯҳбатро ихтисосӣ ва аз рӯи нақшаи фикркарда пеш барад. Аммо тамоман шарт нест, ки саволҳо дар эфир бо саволҳои пештар ба мусоҳиб гузошташуда монанд бошанд. Дар чунин ҳолат импровизатсия, табиияти сӯҳбат аз байн меравад.

*Мусоҳибаи портретӣ* аз суханронӣ дар кадр мутафовут аст, мисли ин ки сурати шиноснома аз акси омодакардаи рассоми мусаввир фарқ дорад.

Мусоҳибаи портретӣ ҷузъи таркибии филм – очерк, асари мукаммали бадеӣ-публитсистӣ маҳсуб мегардад. Вай гуногунпаҳлӯст – қаҳрамон метавонад дар сӯҳбат бо ҳамкорон, дӯстон, дар шароити оилавӣ, ҳангоми муошират бо журналист намоён шавад. Вай метавонад дар бораи дигарон, проблемаҳои ҳалталаби ҷомеа сухан гуфта, шахсияти хешро ифшо созад. Аз ин нигоҳ мусоҳибаи портретиро метавон ҳамчун симои замон ҳам талаққӣ дод.

Дар телевизиони мо филм-очеркҳои портретие ҳастанд, ки дар онҳо аксаран худи журналистон қаҳрамононашонро тавсиф мекунанд. Таъсири чунин барномаҳо камтар аст, агар ҳаяҷону изтироб, тарзи муносибати қаҳрамон дар ҳолатҳои гуногун рӯи парда ояд, таъсири он хеле зиёд хоҳад шуд. Филм-очеркҳо дар бораи академик Мансуров, маорифчӣ Ниёз Сафаров ба ин гуна асарҳо монанд шуда метавонанд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Мусоҳибаи проблемадор.* Дар он оҳанги сухан (мавзӯъ) ошкоро бидуни сӯҳбат ва мавҷудияти камераҳои телевизионӣ бараъло эҳсос мегардад. Агар дар дигар намудҳои мусоҳиба ҳадафи асосӣ рӯёндани иттилоъ бошад, дар мусоҳибаи проблемавӣ нуқтаи назари хешро ҳам иброз медорад. Бо ин роҳ мусоҳибон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат, ҳаллу фасли муаммои муҳокимашаванда фаъол гардонда мешаванд. Маълум аст, ки ҳеҷ гуна масъала бо як муҳокимаи телевизионӣ ҳаллу фасл намегардад, вале вазифаи журналист аз он иборат аст, ки таваҷҷӯҳи мардумро ба масъалаи мавриди назар ҷалб намояд, онҳоро ба ибрози ақидаашон доир ба мавзӯъ водор созад.

Мусоҳибаи проблемавиро журналист батаанӣ, ҳаматарафа омода месозад, лаҳзаҳои ҳассоси баҳс, саволҳои мароқангезро тайёр ва пешбинӣ менамояд, маводи тасвирӣ, аз қабили сурату кинонаворҳо, ҷадвалу диаграммаҳоро омода месозад, ба ҷавобҳои ғайричашмдошти иштирокдорони баҳс ҷавоб ё саволҳои худашро тартиб медиҳад.

Мусоҳибаи проблемавӣ аз душвортарин намудҳои мусоҳибаи телевизионӣ аст. Барои он ки вай муваффақона гузарад, худи журналист бояд шахси соҳибмаърифат, донишманд ва дорои ҷаҳонбинии васеъ бошад, мавзӯъро хеле дақиқ ва ҳамаҷониба омӯзад. Маводи ба мавзӯъ ҳамҷаворро хуб донад, мусоҳиб ва мубоҳиси ботамкин, хушахлоқ ва доно бошад.

Мусоҳибаи проблемадор ва портретӣ аз нигоҳи сохтор ва фарохонди мавзӯъ ба жанрҳои таҳлилӣ хеле наздиканд.

Болотар ишора шуд, ки сӯҳбат ва пресс-конфронсро ҳам ба типи мусоҳиба шомил кардан мумкин аст. Аммо сохтори ин ду гунаи намоиш печида буда, бештар ба жанрҳои таҳлилӣ майл мекунад. Албатта, ин хосият ҳам ба ташкилотчӣ вобаста аст. Агар дар ниҳоди журналист малакаи таҳлилӣ ва умумиятдиҳӣ бошад, вай метавонад ҳар гуна сӯҳбату муколамаро ба самти дилхоҳ равона карда, ба мақсади пешгузошта ноил гардад. Дар акси ҳол сӯҳбату пресс-конфронс ба гуфтушуниди оддӣ табдил меёбад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# РЕПОРТАЖ

Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар жанри репортаж ба мушоҳида мерасад. Аз ҳамин сабаб репортаж жанри аз ҳама маъмултарин, таъсирбахштарин ва паҳншудатарини журналистикаи телевизионӣ аст.

Ҷумъа Қуддус ба китоби «Журналистикаи советии тоҷик» истинод карда, овардааст, ки «маънои репортаж аз ҷои воқеа хабар додан аст»[1]. Ин ақида тахминан дуруст аст. Вожаи репортаж ду сарчашма дорад: франсавии ***renortage*** ва англисии ***report****,* ки маънои умумиашон иттилоъ додан аст. Вале решаи умумии ин вожаҳо аз калимаи лотинии ***reporto*** рӯидааст, ки маънои интиқол доданро дорад.

Ин мафҳум расман нимаҳои асри XIX мураввaҷ гашта буд, аммо ҷузъиёти репортаж ба умқи қарнҳо ғӯтта мезанад. Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав нишонаҳои ҳаракати фикри муаллиф баръало ба мушоҳида мерасад (Умуман, мо, ки кулли жанрҳоро аз журналистикаи рус ва ҳориҷа гирифтаем, баъзан пайдоиш ва ташаккули онҳоро ба ин ё он «нобиға»-и хориҷӣ нисбат медиҳем, ҳол он ки аломатҳои тамоми жанрҳо дар асари гаронмояи классиконамон – китоби муқаддаси «Авасто», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва дигарон дучор меоянд).

Ба ин тартиб, **репортаж** он гуна жанри журналистика аст, ки тавассути радио, телевизион ва матбуот дар бораи ягон воқеа (бо иштироки журналист) хабар медиҳад. Албатта, таҳия ва пахши навгониҳо вазифаи ҷонии дигар жанрҳо ҳам ҳаст. Аммо дар репортаж тасаввуроту таассуроти шахсии факту далелҳо аз ҷониби муаллиф ба ҷои аввал мегузарад.

Зотан репортаж жанри тағйирпазир аст. Садсолаҳо ба ин ҷониб вай такмил мебинаду сайқал меёбад. Бо мурури вақт вай ба ҳаёт бештар қарин мегардад.

Дар матбуот ва радио воқеа бо сухан «тасвир» мешавад, фоторепортаж бошад, лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯйдодро акс мекунад. Аммо телевизион тамоман гапи дигар аст. Бинандагон бо чашми репортер ва наворбардор асли воқеиятро муоина карда, ба он ҳатто арзиш ҳам медиҳанд. Ва азбаски худи воқеа ба чашм намоён аст, репортёр ғолибан ба он аз паси парда (кадр) шарҳу эзоҳ медиҳад. Ин ҷиҳат боз як хусусияти умдаи жанри репортажро бармало месозад – репортёр ба воқеа бо чашми тамошобин менигарад, вай шоҳид, дар бисёр маврид иштирокчии воқеа ҳам мебошад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар ин маврид истисноҳо ҳам ҳастанд. Масалан, воқеаеро касе ба навор бардошта ба студия меорад, ё бозии шавқоваре (футбол, гуштин ва

[1] Ҷумъа Қуддус. Жанрҳои журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2003. – С. 14.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ғайра) дар навор сабт шудааст ва онро репортёр аз паси кадр шарҳ медиҳад. Агар худи репортёр аз ин ҳолат иттилоъ надиҳад ва симояш нишон дода нашавад, тамошобин ҳатто дар ҳамин ҳолат ҳам тасаввур мекунад, ки репортёр дар ҷои воқеа ҳузур дорад.

Репортажи мустақим ва сабтшуда аз ҷараёни интиқоли воқеа маълум шуда меистад. Репортажи сабтшуда ба **видеоӣ**, **киноӣ** ва **тасвирӣ** (фоторепортаж) ҷудо мешавад. Репортажи тасвирӣ дар замони мо ба шарофати инкишофи бемисли графикаи компутерӣ хеле зиёд паҳн шудааст. Масалан, дар ИМА репортаж аз зали суд мамнӯъ аст, тележурналист дар он ҷо аксаран аз хизмати рассомони графика (изорепортаж – репортажи тасвирии графикӣ) фаровон истифода мекунад.

Махсусияти тасвири овоздор ду намуди репортажро ба вуҷуд овардааст: репортажи **синхрон** (ҷӯр) ва **беовоз** (гунг, сомит). Репортажи ҷӯр аз замони ба арсаи вуҷуд омадани камераҳои синхронӣ, яъне аз лаҳзае пайдо шуд, ки имкони интиқоли якбораи тасвир ва овоз ба амал омад. Дар чунин репортаж сару садоҳои табиӣ - эффектҳои овозӣ ҳам ба гӯш мерасид. Дар репортажи гунг матнро аз паси кадр натток мехонад. Чунин репортаж дар инъикоси воқеаҳои расмӣ (давлатӣ, ҳукуматӣ ва ғайра) нақши муҳим дорад.

Аз рӯи технология репортаж ба гунаҳои *воқеӣ, мавзӯӣ* ва *сохта (маснӯъ)* ҷудо мешавад. Дар мавриди аввал сухан доир ба намоиши воқеае меравад, ки бояд ҳатман намоиш дода шавад – дар ин ҳолат рӯйдод бояд пурра ва ҳатталимкон муфассал пешкаш гардад. Дар репортажи мавзӯӣ воқеа вобаста ба мавзӯи интихобшуда пешкаш мегардад. Дар репортажи таҳиявӣ бошад, журналист ҳамчун <u>ташкилотчии воқеа</u> муаррифӣ мегардад. Чунин кор метавонад, нафъи фаровон оварад ва баръакс, безарар ҳам нест.

Репортажи воқеиро намоиши воқеа бидуни шарҳу эзоҳ ё интиқоли мустақими воқеа мегӯянд. Одатан чунин репортаж аз воқеаҳои дорои аҳамияти калони ҷамъиятиву сиёсӣ ё фарҳангӣ ташкил карда мешавад. Ҷаласаи органҳои олии қонунбарор, пресс-конфронси ходимони давлатии ватанию хориҷӣ, мусобиқаҳои варзишие, ки ба шарҳу эзоҳ чандон эҳтиёҷ надоранд, метавонанд чун репортажи воқеӣ интиқол дода шаванд. Ҳамчунон намоиши баъзе консерту намоишномаҳо низ то андозае ба ҳамин гунаи репортаж дохил мешаванд.

Дар репортажи тафсилдор бошад, шахсияти репортёр чун наворбардор, коргардон, овозбардор басо муҳим аст. Ҳарчанд вай ҳангоми интиқоли намоиш дар паси кадр асту ҳама онро хидмати коргардону наворбардор мешуморанд, симои репортёр намоён аст – ӯ бештар аз дигарон доир ба воқеа вуқуфи бештар дорад. Муаллифони китоби «Журналистикаи телевизион» репортёрро «роҳнамое» номидаанд, ки тамошобинро бо сухани зинда, дониши ҳамаҷонибаи мавод, муносибати бо эҳтиросаш ба рӯйдод тамошобинро аз ҷое ба ҷое, аз воқеае то воқеаи дигар ҳамроҳ мебарад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар репортажи воқеӣ рукни муайянкунанда худи воқеа ва тасалсули инкишофи он аст. Ин ҷо сухани репортёр созмондеҳ ва барандаи воқеа нест, вай аз паи воқеа меравад. Барои ҳамин ҳам таҳияи матни репортаж кори саҳл нест. Репортёр бояд ритми воқеаро ҳис кунад, ҳар як ибораро ба пораи навор (ё воқеа) мувофиқ созад, агар он пешу қафо шуда бошад, ҷумларо ба ҳаракат мувофиқ созад.

Доир ба ин ҷиҳати матн фикри муҳаққиқону донандагони назария ва амалияи жанр якнавохт нест. Ва ин, табиист. Репортёр, гарчи шахси мутахассис аст, аз идроку эҳсосоти инсонӣ орӣ нест. Гоҳо худи вай ҳамчун бинанда чунон ба ҳаяҷон меояд, ки гапи заруриро гум карда, ба хитобаю муроҷиат мегузарад, ифодаю ибораҳои тайёркардашуда гум мешаванд. Агар репортёр ботаҷриба бошад ва бинандагон бо ӯ шинос бошанд, хитобаҳояш эффекти мусбат медиҳанд, дар акси ҳол шарҳи ӯ чун тарошае аз бом пазируфта мешавад.

Репортёр бояд як ҳақиқатро ҳамеша мадди назар дошта бошад, ки воқеаро аз нав сохтан мумкин нест. Вай, албатта, низом ва мантиқи дохилӣ дорад, онро дидан мумкин, аммо ба табъи тамошобин мувофиқ сохтан имкон надорад. Техника ва таҷҳизоти муосир ҳам аксаран аз ӯҳдаи тағйир додани саҳнаҳои ҷудогона намебароянд. Репортажи сабтшуда гапи дигар аст, лаҳзаҳои алоҳидаи онро бо мақсади таъсиргузории бештар ҷогардон кардан мумкин аст, лаҳзаҳои зиёдатиро аз тариқи монтаж ихтисор ва васл намуда, таъкиди фикрро бақувват кардан мумкин аст.

Репортажи мавзӯӣ ҳамонест, ки ба бинанда ҳамеша ҷолиб манзур мешавад, дар он масъалаю муаммоҳои доғи рӯз гузошта мешавад, шояд ба ҳамин сабаб онро репортаж – шарҳия ё проблемадор ҳам мегӯянд. Репортажҳо аз кӯчаю шаҳрҳо, ҳолати савдо дар бозор, кори мусаввирон, дастгоҳи санҷиши автомобилҳо, омӯзиши анвои ракс аз ҷумлаи чунин воқеаҳо маҳсуб мегарданд. Аммо як ҷузъро ҳам фаромӯш набояд кард – омадани гурӯҳи эҷодии телевизион ба ин гуна объектҳо низ воқеа аст ва агар журналист ин ҷузъро бо фаъолияти объект пайваста тавонад, нуран алонур коре мешавад. Дар чунин ҳолатҳо сухани репортёр ба бахши асосӣ табдил меёбад, вай коргардонро водор месозад, ки наворро бо сухан ҷӯр созад. Репортёр дар ин ҳолат ба роҳнамои воқеа табдил меёбад. Аммо боз як рукни дигарро низ набояд фаромӯш созем. Репортаж дар ҳолатҳои номбурда бояд сенария дошта бошад. Репортёр бояд дар сенария ҷузъиёти объект, раванди воқеа ва аркони таъкидиро ишора ва ҳангоми навор онҳоро аз хаёл набарорад.

Чунон ки дар оғоз ишора кардем, боя як навъи репортаже ҳаст, ки онро репортажи сохта мегӯянд. Лаҳзаҳои онро худи журналист бофта, саҳнаҳояшро ороста, вале алоқадри ҳол, табиӣ ва дар муҳити реалӣ татбиқ менамояд. Аммо инро тавре бояд кард, ки сохтакорӣ фош нашавад, вагарна обрӯ мерезад.

Инак, як мисол. Яке аз муаллифони ин сатрҳо солҳои 80-ум дар факултаи журнализм ва улуми иҷтимоии Донишгоҳи Кобул ба ҳайси устод ифои вазифа мекарду бо хабарнигори ОРТ Борис Лешинский

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ошноӣ дошт. Ҳар рӯз ӯ аз бинандагони ОРТ, бахусус аз Маскав ва минтақаҳои шарқии Россия садҳо мактуб мегирифт. Тамошобинон барои ҷасорат ӯро таърифу тавсиф карда, аз ҳукумати Россия хоҳиш мекарданд, ки ба вай унвони қаҳрамонӣ диҳанд. Рӯзе аз рӯзҳо сири нотарсию ҷасорати ӯ фош шуд, онро дар яке аз вохӯриҳо бо донишҷӯёни бахши журналистикаи Донишгоҳ худаш гуфт:

- Шумо байни борони тир даводав мекунед, вале осебе намебинед. Ин чӣ сир аст? – пурсиданд аз ӯ.

- Ман, охир, саҳнасозӣ мекунам. Баъди анҷоми набард аз иштирокчиёни ҷанг тафсилотро фаҳмида мегирам. Баъд бархеро дар либоси сорандӯи, қисми дигарро ба шакли ашрор медарорам ва асокири шӯравиро ба фаъолият меоварам. Тирҳо пистоқии холианд. Онҳо файр мекунанд, дуду оташ мисли қиёмат. Ман бошам, байн-байни тӯдаҳо мегардаму навор мегирам...

Баъди ин нақл ихлоси на танҳо ҳозирон, балки ҳамаи онҳое, ки ин воқеаро шунида буданд, аз Б. Лешинский гашт[1].

Дар репортаж бо мақсади табиӣ намоиш додани воқеа аз камераи пинҳон истифода мебаранд. Чунин кор дар репортажҳои таҳиявӣ (сохта) низ истифода бурда мешавад.

Як мисол. Солҳои 90-уми асри гузашта. Рӯзе мо мушоҳида кардем, ки дар шаҳраки донишҷӯён як гурӯҳ қирпораҳои пиёдагарди соҳили дарёи Душанберо канда ба мошин бор мекунанд. Марди олуфтае, дастҳо дар ҷайб дуртар аз онҳо қадам мезад ва чунон вонамуд мекард, ки омири ин ҳама фаъолиятҳо ӯст. Чун сабаби корро пурсидем, гуфт: «кори калонҳо». Ба посбонони Донишгоҳ мурочиат кардем, онҳо ҳатто ба рухсати вазири сохтмон ишора карданд. Ба чанд кас арз кардем, касе ба додамон нарасид. Рӯзи дигар камераи факултети журналистика ва тарҷумониро гирифта, дар пушти харсангҳо руст шудем. Дере нагузашта мошини боркаш ва 5-6 нафар коргар омада боз ба кандани пиёдароҳҳо шурӯъ карданд. Боз ҳамон олуфта даст ба ҷайб назди мошин гардиш мекард. Баъди фосилае аз ӯ пурсидем, ки ба чунин кор иҷозат дорад?

- Аҷаб кунҷкову шилқин будаед! - хитоб кард ӯ. - Ман муовини вазири сохтмон. Иҷозат хоҳед, даҳ коғаз меорам. Аммо бигӯед, ки худи шумо кӣ?

Наворбардорро даъват кардем. Гуфтем, ки наворро ба раиси шаҳр мебарем. Марди олуфта ба зорӣ даромад. Ба мо пули калон ваъда кард. Ба вай гуфтем, ки барои пул ӯро напоидаем, мо устодони Донишгоҳ ҳастем, диламон ба харобкориҳо месӯзад...

Маълум шуд, ки марди олуфта яке аз соҳибқудратони ҳамонвақта (боевик) будааст. Гарчи чанд рӯз тарсида-тарсида ба кор омада мерафтем, дуздидани қирпораҳо хотима ёфт. Чунин амалро репортажи таҳиявӣ (созмондодашуда) номидан мумкин аст.

Азбаски репортажи воқеӣ ҳамеша вазифаи ахборӣ дошта ва репортажи мавзӯӣ (проблемадор) ба таҳқиқи рӯйдодҳои фарҳангию ирфонӣ, иҷтимоию ахлоқӣ мегаравад, бештарини авқот авзои

---

[1] Ин воқеа дар бахши авали «Асосҳои журналистикаи телевизион» мазмунан нақл шудааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

публитсистӣ касб мекунад ва онро гоҳо ба гурӯҳи таҳлилӣ низ дохил мекунанд.

Чунон ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, аз рӯи имкониятҳои телевизион репортажро метавон **мустақим** ва **сабтшуда** номид. Маълум, ки репортажи мустақим дар лаҳзаи вуқуфи воқеа пахш мегардад ва аз нигоҳи шакл видеоию киноӣ ва мусаввар (суратдор) тақсим мешавад.

Аз нигоҳи таъмини овозӣ репортажро **чӯр** (синхрон), **овоздор** (худи муаллиф ба ин овозро шомил месозад) ва **сомит** номид.

Дар барномаҳои ахборӣ репортаж нақши иттилоъдиҳанда дорад. Тамоми мавзӯъҳои доғи рӯз дар ҷомаи репортаж манзур мегарданд, табиист дар таҳия ва пахши репортаж ҳамаи анвои техника ва технологияи муосири телевизионӣ истифода мешавад. Бесабаб нест, ки баъзан репортаж ба мусоҳиба, очерк ва ҳатто эссе монандӣ пайдо мекунад. Ва шояд журналистони Ғарб гоҳо ҳақ ҳастанд, ки жанри очеркро репортажи бадеӣ меноманд. Мешавад лаҳзаҳое, ки воқеаҳо мусалсал ва бо оҳанги махсус пахш мешавад, арзу тулашон гӯё ҳаҷму андоза надорад. Ин репортажи махсус аст (аз англисӣ: special report). Чунин репортаж дар сурати бошуурона ва самтнок пеш бурданаш ба таҳқиқ монанд мешавад, ки дар Ғарб онро журналистикаи инвестигейтӣ (бо ҳамон таҳқиқӣ) мегӯянд.

Бо ҳамин сабабҳо журналистон ба навкорон насиҳат доданро амри воҷиб мешуморанд. Ҳадафи чунин мушовараҳо омӯзонидани журналист ба он чиз аст, ки ӯ тарзи ифодаи воқеаро фаромӯш накунад, авзои воқеиятро тафсир дода тавонад. Ҳама гапҳои мегуфтагиро фақат дар хуш (сар) нигоҳ дорад, аз лаҳзаҳои хомӯшӣ (пауза) кордонона истифода барад, воқеаи рӯйдодаистодаро шарҳ диҳад, на мадди назарро ва ғайраву ҳоказо.

Гумон мекунем, ки ин ҳама ҳангоми кори мустақилона ба зудии зудиҳо ба малакаи журналистӣ табдил меёбад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ЖАНРҲОИ ТАҲЛИЛИ ПУБЛИТСИСТӢ

Публитсистика таърихи қадима дорад. Вале дар ҳамаи давру замонҳо ҳадафи он сайқали ақлу зеҳн ва ҷаҳонбинӣ буду ҳаст. Ин вазифаро вай дар пардаи телевизион ҳам ба ҷо меорад. Публитсистикаи экран як намуди намоишест, ки дар парда проблемаҳои доғи ҳаёти иҷтимоӣ, манфиатҳои ҷомеа, коллектив, шахсони алоҳидаро дар маҷмӯъ, ваҳдат ва ҷудо-ҷудо, дар ягонагӣ ё бархурд инъикос менамояд. Публитсистикаи телевизионӣ фақат нусхаи воқеаҳои рухдода нест. Вай ҳамчунон асари телевизионии санъат аст, ки ба умумиятдиҳӣ, таҳлил асос ёфта, таваҷҷӯҳи мардумро бо ёрии васоити тасвирӣ (бо кӯмаки муаллифу коргардон) ба проблемаҳои ҷиддию муҳим ҷалб менамояд.

Публитсистикаи телевизион аз воқеаҳои конкретии ҳаётӣ манша мегирад ва як бахши намоишҳои мустанад ва ҳунарӣ (бозидор) буда метавонад.

Аз рӯи ин хосиятҳо дар телевизион публитсистика ба жанрҳои гуногун тақсим мешавад, ки қисме аз онҳо сирф ҳунарӣ буда, аз махсусиятҳои намоишҳои театрӣ истифода мекунанд, бахши дигар ба журналистикаи замонӣ монанд буда, балки як ҳиссаи журналистикаи муосир маҳсуб мегарданд.

Бигирем, жанри шифоҳии телевизион – шарҳия ё нигоришро. Дар ин жанрҳо ғолибан журналист ё мутахассис зуҳур мекунанд, аммо вазифаашон басо масъул аст. Онҳо бояд тасалсули сабабу натиҷаро хуб эзоҳ диҳанд, замону маконро ҳадафманд истифода кунанд. Дар сӯҳбати журналист бо шахсиятҳои фарҳангӣ ё мутахассисон ҳам чунин аст. Ҳамаи онҳо як фикр ё ақидаро тақвият мебахшанд. Ва баръакс, агар яке ба чанд нафар иттилоъ диҳад (пресс-конфронс), боз ҳам масъулиятро набояд фармӯш кунем. Зеро ҳадафи асосии жанрҳои таҳлилӣ – муҳокима, таҳлил ва арзишдиҳӣ аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ШАРҲИЯ

Шарҳия (шарҳ, тавзеҳ, табсира, тафсир) аз калимаи лотинии *commentarius* гирифта шуда, маъноям шарҳу эзоҳ аст. Вай як навъи пахши маводи таъҷили (оперативӣ)-и таҳлилӣ аст, ки мӯҳтавои воқеаи актуалии ҷамъиятӣ, сиёсӣ, ҳуҷҷат, санад ва ғайраро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Тафсир ғолибан чун як шакли суханронӣ дар кадр мебошад. Дар замони мо вай хосияти дигар ҳам касб кардааст – беш аз пеш натток аз паси кадр дар заминаи маводи ҳуҷҷатии тасвирӣ воқеаро шарҳу эзоҳ медиҳад. Барои мисол, дар барномаи «Дастовард»-и ТВТ комёбии занбӯрпарварон тафсир дода мешавад. Муфассир аз паси навори видеоӣ, ки манзараҳои басо ҷаззоби кӯҳистон ва заҳмати афсонавии занбӯрпарваронро нишон медиҳад, аз иштироки Президенти кишвар дар «Рӯзи асал» ва комёбиҳои занбӯрпарварон накл мекунад.

Табсира (шарҳия)-ро барои он ба публитсистикаи таҳлилӣ шомил месозанд, ки шореҳ воқеаро дар фазою вакти фаррох ба таҳлил кашида, ҳамзамон бо мақсади ҳамаҷониба тафсир кардани он робитаҳои мақсаду натиҷа, омилҳои арзи ҳастӣ кардани мавзӯъро ҷустуҷӯ мекунад, воқеаҳоро таҳлил ва ба ҳам муқоиса намуда, аз натиҷаҳои эҳтимолии баъдӣ иттилоъ медиҳад. Асоси табсираро ҳамчун жанр арзишдиҳии ошкорои муаллифӣ ва таҳлил ташкил медиҳад.

Чун анъана ва чун дигар жанрҳои телевизионӣ, табсира аз ҷузъиёти дигар жанрҳо ҳамаҷониба истифода мебарад. Масалан, ҳангоми ҷараёни конфронсҳои матбуотӣ журналист мепурсад: «Шумо воқеаи рухдодаро чи гуна тафсир медиҳед?». Албатта, чунин саволгузорӣ хоси шарҳияҳои муқаррарӣ нест. Вай дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки «қаҳрамон»-и шарҳия ягон ходими намоёни давлатӣ, ҷамъиятӣ ё мутахассиси шинохта бошад. Баъзан худи шореҳ метавлнад аз усули шарҳу эзоҳи амиқу ҳамаҷониба истифода намояд. Агар дар шарҳия ё тафсир одамони шинохтаи гуногун ширкат варзанд, муколамаи ҳар иштирокчӣ аз ҷониби муфассир таҳлил ва арзёбӣ мегардад. Комёбии шореҳ ба умқи таҳлил, фаррохии умумиятдиҳӣ, объективияти баёни рӯйдодҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Аммо шореҳ ҳуқуқ дорад, ақидаеро пеш гузорад, ки аз назари иштирокдорони сӯҳбат мутафаррик бошад, вале ақидаи муфассир набояд аз сохтори расмӣ ё шабака фарқ кунад, зеро ӯ вакили мухтори ин ҳардуст. Ба ёд меорем, суханронии Михаил Леонтевро дар намоиши «Однако». Ақидаи ӯ аз ақидаи генералии шабакаи аввали Россия хеле кам тафовут дорад.

Аз гуфтори М. Леонтев манша гирифта гуфтанием, ки шарҳия бояд дар заминаи рӯйдод ё факти мушаххас (конкрет) таҳия шавад, агар чунин факт дар барномаҳои ҳамонрӯзаи шабака ҳузур дошта бошад, нуран алонур мешавад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# НИГОРИШ

Нигориш жанри маъмулии матбуот ва радио шудааст. Солҳои пешин саҳифаи газетаҳо барои нигориш ҷои махсус ҷудо мекарданд. Дар радио нигоришҳо чандин навъ доштанд. Аз солҳои 70-уми асри гузашта ба инҷониб телевизиони Тоҷикистон аз ин жанр фаровон истифода мебарад. Вай ба таъбири В. Г. Белинский равзанае ба берун аст (Муҳаққиқи мумтоз назари инфиродии мутахассисонро ба давраи муайяни адабиёт ва жанрҳои адабӣ дар назар дошт).

Дар телевизиони муосири олам баъди репортёр ва шореҳ муфассир меистад. Вай аз нигоҳи мақоми хеш аз дуи номбурда волотар аст, зеро шарҳу эзоҳи муҳимтарин мавзӯъ ва рӯйдодҳо ба зиммаи ӯ гузошта мешавад.

Ба замми он **нигориш** яке аз жанрҳои устувори публитсистикаи таҳлилӣ ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои нигоришро муаллифони «Журналистикаи телевизион»[1] чунин шарҳ додаанд: аввалан нигориш ба факт такя мекунад, бар изофа далелҳо вобаста ба мақсади муаллиф силсилабандӣ мешаванд; дуввум, шореҳ далелҳоро дар пайванди узвӣ дида баромада, ҳамкории онҳоро дар пайванди якдигар ошкор месозад; саввум, нигориш ҳамеша бо фаррохии таҳқиқи мавод фарқ карда меистад, чаҳорум, маводи нигориш аксаран дар чорчӯбаи таъкиди маводи хронологӣ маҳдуд мегардад.

Муҳаққиқони ҳамаи соҳаҳои журналистика (телевизион, радио, матбуот, Интернет) таъкид мекунанд, ки соҳаи таҳқиқи ин жанр афкори омма буда, мақсадаш муаррифии робитаи сабабу натиҷаи амал, ошкор намудани моҳият ва анъанаҳои инкишоф мебошад.

Воситаҳои тасвирие, ки дар парда бо кӯмаки онҳо масоили мураккабе ҳаллу фасл мешаванд, хеле гуногун мебошанд. Вале азбаски нигориш равандҳои хел-махел дорад ва онҳо баъзан дар масири вақти тӯлоние инкишоф меёбанд, гоҳо зарур меояд, ки на танҳо асноди таъҷилӣ, балки видеоматериалҳои бойгонӣ низ барои баёни фикри асосӣ мантиқан ба маводи асосӣ пайванд дода шавад.

Чунон ки ишора рафт, нигориш шаклу намудҳои гуногун дорад, вале агар онро дар ҷараёни вақти мувассақ дида бароем, ду навъи асосӣ ба мушоҳида мерасад: **нигориши умумӣ** («Ҳафта», «Тоҷикистон»), ки воқеаҳо дар тӯли вақти муайян баррасӣ мешаванд ва **нигориши мавзӯӣ**, ки рӯйдодҳои ҷудогонаро таҳти як рубрика муттаҳид сохта, тафсир медиҳад («Ахбори криминалӣ», «Дунёи варзиш»).

Вақтҳои охир дар созмони нигориш дигаргуниҳои ҷолиб пайдо шудаанд. Масалан, дар нигоришҳои муколамавӣ иштирокдорони намоиш воқеаҳои асосии ҳаёти иҷтимоиро ба даври баҳс кашида, роҷеъ ба он фикру мулоҳизаҳояшонро (дар кадр ё аз паси парда) баён медоранд. Дар чунин ҳолат, гарчи қолаби нигориш риоя мешавад, вай ба сӯҳбати донандагони мавзӯъ табдил меёбад. Албатта, дар ин ҳолат ҳам

[1] Телевизионная журналистика. – М.: МГУ, 2002. – С. 195.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

имкониятҳои телевизион (навор, тасвир, диаграмма, ҳар гуна схемаҳо ва нақшаҳо) истифода бурда мешавад. Ин гуна мавод ёридиҳанда нест, барандаи намоиш маҳз дар асоси онҳо хулосаю натиҷаҳояшро иброз медорад.

Монанд ба гуфтаҳои боло нигориши мусиқӣ, нигориши театрӣ, барнома-нигоришҳое низ вуҷуд доранд, ки аз рӯи хислати худ ба жанри нигориш монанд ҳастанд ва аз нигоришҳои бузурги варзишӣ (байналхалқӣ) тафовуте надоранд. Аммо бо иваз намудани мавзӯъ қолиб тағйир намеёбад, ҷиҳатҳои умумии жанрӣ аниқ ба мушоҳида мерасанд.

То ба ҳамин наздикиҳо телевизиони тоҷик такрори воқеаҳои тӯли ҳафта рухдодаро ба жанри нигориш нисбат медод. Такрор (ҳатто ба маврид) нигориш нест. Нигориш ин ёдкарди воқеаҳо дар заминаи видеомаводҳои тоза, изҳори ақидаи мутафовут ба ин ё он рӯйдод аст. Масъулияти ровӣ ё баранда дар нигориш бисёр баланд аст. Вай бояд «пайвандак»-ҳо ёбад, ки рухдодҳои дар масири ҳафта ба амал омадаро ба ҳам васл кунанд. Гуфтан ба маврид аст, ки сухани ровӣ (натторқ) дар нигориш мантиқи хоса дорад.

Аммо ҳамчунон бояд таъкид кард, ки мақсади нигориш назарафканӣ ва воқеаҳои шудагузаштагист. Ҳадафи нигориш воқеаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ва мақсадаш ҷустуҷӯи робитаҳои ошкору ниҳони рӯйдодҳо мебошад.

Мантиқан ҳар идораи телевизион метавонад нигориши соҳавӣ дошта бошад, вале муҳимтарин нигориш ҳамонест, ки рӯйдодҳои дорои моҳияти умумиҷамъиятиро арзиш дода, симои шабакаро мушаххас созад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# СӮҲБАТ

Сӯҳбат, конфронси матбуот ва мубоҳиса хислати муколамавӣ доранд ва ба мусоҳиба аз бисёр ҷиҳат шабеҳ ҳастанд. Аммо ҳамзамон ҳар кадоме аз онҳо хислатҳое дорад, ки аз якдигар комилан мутафовут мебошад.

Калимаи сӯҳбат бисёр маъмул аст, онро хосу ом ба забон меоранд. Аммо ин ҷо мурод аз зикри сӯҳбат намоиши телевизионие дар назар аст, ки чанд нафар иштирокчии он буд, ҳар яке дар мавзӯи мавриди назар табодули ақида мекунанд ва ҳар яке дар мавзӯи фавқ рӯшноие меандозад. Журналисти иштирокчӣ-репортёри намоиш дар сӯҳбат мусоҳиб нест, вай баранда (ёмодератор) аст. Вай созмондеҳи сӯҳбат аст, вай ба мизбони меҳрубоне монанд аст, ки баробариро нигоҳ медорад, ба ҳамаи иштирокдорон имкон медиҳад, ки ақидаашро баён намояд.

Ба ин тартиб, **сӯҳбат** жанри хосаи телевизионӣ буда, ба публитсистикаи таҳлилӣ мансубият дорад, шакли баёнаш иттилоъи муколамавист. Қариб дар ҳамаи барномаҳои телевизион ҷузъиёти сӯҳбат ба мушоҳида мерасад. Мавзӯи баҳси сӯҳбат паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра аст. Сӯҳбат вобаста ба мавзӯъ ва доираи иштирокдорон гоҳо ба мубоҳиса табдил меёбад.

Дар сӯҳбат бояд тазод, бархурди нуқтаи назари мухолиф, инкишофи фикр аз рӯи нақшаи пешакии сенария вуҷуд дошта бошад. Ин ҷузъиёт имконият медиҳад, ки конфликт бо роҳи интихоби далелҳои шайъӣ ва боэътимод, муҳимияти баҳс, ҷолибияти санадҳо ҳал карда, ба доираи бинандагон таъсири амиқ расонда шавад. Ин, албатта, кори осон нест, маҳорат ва касбиятро тақозо мекунад, аммо бидуни ин талабот сӯҳбат қурбе надорад.

Муаллифи созмондеҳи сӯҳбат барои ташкили намоиш аз ҷузъиёти гуногуни баҳамории сухан истифода менамояд. Вай бояд, қабл аз ҳама мавзӯи ҷаззоб интихоб намояд, иштирокчиёни босалоҳиятро гирд оварад, роҳи ҳаллу фасл, банду басти барномаро дарёбад. Табиист, чунон ки ишора рафт, сӯҳбат бе нақшаи сенарӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Аммо вай фақат ҷузъиёти тарҳи барномаро мушаххас месозад. Гап сари он аст, ки ҳеҷ як модератори бомаҳорат ҳамаи ҷузъиёти сӯҳбатро пурра муайян карда наметавонад, агар чунин шавад, сӯҳбат сунъӣ ва дилбазан манзур мегардад. Ҳамаи гап дар импровизатсия, дар созмони сӯҳбати табиӣ вақти намоиш (ё сабт) мебошад. Бо вуҷуди ин нақшаи сенарӣ ҳатман зарур аст, вай маҷрои умумии сӯҳбатро муайян карда, ба баранда имкон медиҳад, ки сӯҳбатро бо реҷаи муайян, ботартиб ва аз рӯи мақсади пешгузошта созмон диҳад.

Сӯҳбат зоҳиран орому ботамкин намояд, дар умқ гардиш ва ритми шӯрида дорад. Созмондеҳи сӯҳбат ҳангоми сабт ё намоиш аз

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҷузъиёти гуногуни тасвирӣ ва имкониятҳои техникии телевизион ҳама ҷониба истифода барад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУБОҲИСА

Ин жанр хоси тамоми ВАО мебошад, аммо хосияти азалиаш ғолибан дар радио ва телевизион бештар ифода меёбад. Хусусияти услубии мубоҳиса аз рамузи зиндагии одамон ва ҷомеа манша мегирад. Муосирони мо, новобаста ба ҳолат ва шароит, ҳамеша ҷаҳд мекунанд, ки фақат бо баҳс (на бо ҷангу ҷидол) ҷавҳари ҳақиқатро ҷӯё шаванд.

Мубоҳиса таърихи қадиам дорад. Вай дар зиндагии ҳамаи халқу нажодҳо, минҷумла мардуми ориёитабор дучор меояд. Вале дар китобҳо, аз ҷумла дар «Журналистикаи телевизион» онро чунин таъриф ва тавзеҳ додаанд: «Мубоҳиса (аз калимаи лотинӣ discussion – таҳқиқ, дида баромадан, мубоҳиса) – жанрест, ки барои пардаи телевизион бисёр мувофиқ аст, зеро вай бозгӯкунандаи маҷрои ҳаёти воқеӣ, эҳёи зиндагии иҷтимоӣ, рушд ва ҳаракат барои расидан ба мақсад аст, ки дар пеши назари тамошобинон ба вуқӯъ мепайвандад»[1].

Гап ин ҷост, ки ҳар гуна баҳс зояндаи ақидаҳост ва табиист, бавуҷудоварандаи ҷавҳари баҳс – ҳақиқат аст. Мубоҳисаи телевизионӣ дар шоҳидии бинанда ба вуҷуд меояд. Дар он назарҳои гуногун ба бархурд мувоҷеҳ мешаванд. Мубоҳиса чун ҷараёни таҳқиқ сурат мебандад, фаъолияти интеллектуалии одамонро метезонад, коҳилию танбалиро аз байн мебарад, одамон ба нагу номус меоянд, фикрашонро ба дигарон «гузаронданӣ» мешаванд. Имконияти баланди маърифатбахшии жанр ҳам дар ҳамин хосият ниҳон аст. Дар байни бошандагони баъзе навоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин жанр бо номи «бугӯ-бугӯ» машҳур аст.

Бояд изҳор дошт, ки омода кардани мубоҳиса дар студия кори саҳму осон нест. Вале баъзеҳо, ҳатто баъзе мутахассисони телевизион онро душвор намеҳисобанд. « Тамоми кор аз он иборат аст, ки одамонро ба студия ҳозир кунед» мегӯянд баъзе аз кормандони ТВТ. Мо бо чунин ақида розӣ нестем. Чаро?

Аввалан, худи созмондеҳи мубоҳиса бояд шахсияти интеллектуал бошад, маърифати замонӣ ва ихтисосӣ дошта бошад. Баъдан, вай бояд мавзӯъ ва моҳияти баҳсро дарк карда тавонад. Ва солисан, вай худаш бояд маҳорати баҳсороӣ дошта, ба қавле, «гапгардонӣ» карда тавонад ва аз мунозираи ҳозирон ҷавҳари ҳақиқатро ташхис карда тавонад. Бовар кунед, ин кори осон нест.

Дар оғози намоиш баранда (созмондеҳ) эълон медорад, ки намоиш мубоҳиса аст, дар мунозира одамони касбу кори гуногун ширкат меварзанд, ақидаҳояшон тамоман мухолифи якдигар аст. Ӯ бояд роҷеъ ба мавзӯи мавриди баҳс маълумоти мухтасар дода, барои тасфондани бозори баҳс (агар зарур бошад) ягон ақидаи номувофиқро баён медорад.

Албатта, ҳама гуна намоиш ё баҳс, қонуну қоида, ҳадду ҳудуд дорад. Мубоҳиса он нест, ки ҳарчи ба кор омад, изҳор карда шавад. Ин тарафи масъаларо ҳам модератор бояд ба инобат гирад.

---

[1] Телевизионная журналистика. – М.: МГУ, 2002. – С. 197.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мубоҳиса бояд ба талаботе ҷавобгӯ бошад, ки ба мусоҳибаи анкета пешниҳод карда мешавад, яъне мавзӯъ боби баҳс бошад, шаклҳои гуногуни ҳаллу фасл дошта бошад, тамошобинон мӯҳтавои онро дарк акрда тавонанд, дар баҳс ғоибона (агар имкону мавқеи робита бошад, мустақим) иштирок карда тавонанд. Мубоҳиса бояд ба манфиатҳои аксари бинандагон мувофиқ ва аҳамияти иҷтимоӣ дошта бошад.

Дар мубоҳиса ҷонибдорони ақидаҳои гуногунро аз ҳам ҷудо-ҷудо мешинонанд, ин барои он аст, ки онҳо баланд-баланд гап зананд, то ба ҳарифон шунаво бошад. Барандаи намоиш (модератор) бояд тарзе муомила кунад, ки ҳама ё аксарият фикрашонро гуфта тавонанд. Аммо набояд ба он роҳ дод, ки риштаи гапро чанд «маҳмаддоно» ба ихтиёр гиранд. Набояд имкон дод, ки мубоҳиса ба як баҳси маҳдуди ихтисосӣ табдил ёбад. Модератор бояд оҳанги баҳсро иваз карда тавонад, сари ҳар вақт идеяи тозаеро барои пурҷӯшу хурӯш шудани баҳс ба миён партояд, баҳс бояд оқилона, дар авзои мӯътадили публитсистӣ сурат бандад. Модератор дар баҳс худро ҳам намояндаи манфиатҳои бинандагон ва ҳам пуле байни иштирокдорони мубоҳиса ва мутахассисони соҳа вонамуд кунад. Иштирокдорони баҳс ҳам бояд донанд, ки онҳо ба маҷлиси истеҳсолӣ наомадаанд, чи гуфтану чи тарз гуфтанашонро эҳсос намоянд.

Ҳангоми баҳс воқеаҳои ғайричашмдошт рӯй медиҳанд. Ҳарчанд, ки ҳозирон ба мавзӯи баҳс омода омадаанд, чунин ҳам шуданаш мумкин аст, ки самти баҳс тағйир меёбад, чунин самт ҷолиб аст, зарурист. Дар ин гуна ҳолатҳо модератор бояд аз импровизатсия истифода барад, маҷрои баҳсро ба сӯи ҳадафи муайян баргардонад.

Сӯҳбат хуб, ба хусус мунозираю баҳс ин як навъ муошират байни мусоҳибони донишманду бомаърифат аст. Бештарини авқот бинандагон ҳам тариқи воситаҳои техникии мухобирот ба он шарик мешаванд. Ин ҷиҳат имкониятҳои жанри мусоҳибаро боз ҳам фаррох мегардонад, доираи васеи одамон, ки ба мавзӯъ рағбат доранд, ба баҳс кашида мешаванд. Ин кор фақат ба манфиати намоиш аст. Модератори кордон аз ин шакли робитаву баҳс бо камоли майл истифода мекунад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ТОК – ШОУ

Дар телевизион жанрҳои шифоҳи мавқеи хоса доранд. Умуман таҳти унвони жанрҳои шифоҳӣ ҳама гуна муколамаи мустақилро гуфтаанд, ки дар сохтори идора ва барнома ҷой гирифта, ба онҳо рӯҳ, авзоъ ва ҳаракати мустақиман дидашавандаро эҳдо менамоянд.

Вале акнун замона дигар шудааст. Мо ҳама ба ному муаррифии хориҷӣ одат кардаем. Масалан, воридшавӣ ба кадр ё оғози сужаро стендап мегӯянд, ҳарчанд маъноҳо мувофиқати мантиқӣ надоранд. Шояд бо ҳамин минвол баъзе намоишҳои зиндаи сабтшуда (аҳён-аҳён мустақим)-ро **ток-шоу** мегӯянд. Агар онро айнан ва таҳтулафзӣ аз англисӣ баргардонем, маънояш тамошои шифоҳӣ (гуфтугӯӣ), намоиши гуфтугӯӣ аст. Вай зодаи зиначаҳои эстрада, яъне саҳна аст. Ток-шоу солҳои 60-уми асри гузашта аввалан дар ИМА, баъдан дар Аврупои Ғарбӣ ва охиран дар тамоми ҷаҳон мавқеъ пайдо намуд.

Дар жанри ток-шоу аносири бисёр жанрҳои телевизионӣ истифода мешаванд – масалан, дар ҳар гуна ток-шоу ҷузъе аз мусоҳиба, мубоҳиса, сужаҳои бозидор дар атрофи шахсияти баранда (модератор) гирд оварда ва дар мавқеъгирии муаллиф нақши ҷузъи асосиро иҷро сенамояд. Ба ибораи дигар, жанри ток-шоу шахсиятсозӣ аст, ҷузъиёт шахси месозад ва шахсият ба ҷузъҳо мавқеъ мебахшад. Аз ҳамин сабаб дар олами телевизион сару садоҳое аз ин қабил ба гӯш мерасанд: ток-шоу аз одамон ситора месозад, ситораҳо ток-шоуро ба миён меоранд. Дар ток-шоу ақлу фаросат, зарофат, хушгӯӣ, маҳоарти ҳаракати зебо, фаросати гӯш карда тавонистан ва кунҷковӣ ба ҳам омада, як шакли қобили қабули тамошоро ба вуҷуд меоваранд. Вазъият, шароит ва ҳолатҳои зоҳирӣ ҳам дар ин гуна намоиши шавқовар фарқкунанда аст. Вай ҷои (намуди) доимӣ дорад, силсилавӣ аст, яъне баъди ҳар чанд вақт бояд аз нав сохтаю дар эфир пахш гардад, дар шуури бинандаи оммавӣ эҳсоси интизорӣ, шавқмандӣ ба тамошои ин гуна барномаро бедор кунад.

Мо аз шабакаҳои телевизионии Россия бисёр ток-шоуҳоро дидаем. Намоишҳои Владимир Познер, Валерий Комиссаров, Юлия Меншова, Артур Крупенин, Елена Ханга, Андрей Малахов бозгӯи фаррохии мавзӯъҳои фавқуллода ҳассос ва аз нигоҳи фарохонд басо васеъ ҳастанд. Дар намоишҳои ашхоси номбурда имкониятҳои жанрии ток-шоу басо дақиқу шавқӣ истифода мешаванд. Шояд мавҷудияти чунин намоишҳо ба инкишофи рӯзафзуни жанри ток-шоу дар бисёр каналҳои телевизионии Россия (аз ҷумла ОРТ, РТР, СТС, НТВ, ТНТ, ДТВ-Виасат ва ғайра) гаштааст. Телевизиони тоҷик ва телевизиони «Сафина» ҳам аз имкониятҳои шоу бебаҳра намондаанд. Дар намоишҳои бо номи «Гули маҳтоб» ва _________ Раҳматуллои Камол, «Маҳзар»-и Шавкат Муҳаммадиев, «Нигоҳи дигар» ва «Биёед бигӯем»-и Зевар Давлатова унсурҳои ток-шоу намоён ба чашм мерасанд, аммо ботаассуф метавон гуфт, ки мавзӯъҳо бад набошанд ҳам, фаросати саҳнаоройӣ, нутқ ва набз (аз ҳама муҳим) дар ин ток-шоуҳо сайқал мехоҳад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Феълан ин жанр қариб дар ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ ба ҳукми ғосиб тамоми барномаҳоро фаро гирифтааст. Вале ин, аз афташ, ҳукми айём аст. Вай далели кушодагӯӣ ва кушодакорӣ дар рӯи Замин аст. Шӯҳрати беандозаи жанр аз натиҷаи авзои тиҷоратии ВАО-и замон, муборизаи беамон баҳри бинандаи оммавӣ – истеъмолкунандаи асосии маҳсулоти реклама мебошад.

Ток-шоу ин намоиши сернуфуз аст. Дар он ғайр аз модератор (баранда) меҳмонон (иштирокчиён) чун қаҳрамонони намоиш ширкат меварзанд. Ҳар яки онҳо тарзи гуфтор, ҳаракат, донишу малака, афкор, тарзу тариқи зиндагии хоса дорад. Хуб, модом, ки даҳ-бист нафар «қаҳрамон» ба студия меоянд, табиист, ки чанд нафар мумайизон ҳам ҳастанд. Онҳо, табиист, ки салоҳияти тахассусӣ доранд. Ҷолиб он аст, ки ширкати иштирокчиёни намоиш, ба қавле, «қаҳрамонон» дар муколамаю мубоҳиса шартнест. Онҳо бештарини маврид қарсак мезананд, механданд, сару садоҳо баланд мекунанд, ҳусни таваҷҷӯҳашонро бо ҳамин роҳ иброз медоранд. Ҳамаи ин вазъияти муоширати умумиро ба амал меоварад, ба тамошобинон таъкид менамояд, ки «гӯш фаро диҳед, мо аз чунин сӯҳбат ҳаловат бурда истодаем, шумо ҳам канор намонед».

Аммо ҳеҷ як коре бе истисно нест. Дар баъзе ҳолатҳо тамошобинон мустақиман ба намоиш ҷалб карда мешаванд. Дар ин гуна ҳолатҳо робитаи баландовоз истифода мегардад. Аз тариқи телефон садои бинанда дар студия ба таваҷҷӯҳи иштирокчиёни намоиш (ва ҳам бинандагон) расонда мешавад. Дар баъзе ток-шоуҳои мураккаб («Поле чудес», «Нигоҳи дигар» ва ғайра) иштирокчиёни намоиш ҷумлагӣ ба мумайиз табдил дода мешаванд, онҳо ошкоро фикру мулоҳизаашонро баён медоранд, дар ин ҳолат намоиш ба видеорепортаж ва муҳокимаи таъҷилии он табдил меёбад.

Дар амалияи фаъолияти телевизион типи ток-шоуҳои дигаре ҳам мушоҳида мешавад, ки намоиш аз макон ё маҳалҳои гуногун дар як вақт бурда мешавад. Инро телевизиончиҳо муоширати дуҷониба (телемост) номидаанд. Вай ғолибан, ба муҳокимаи проблемаҳои актуалӣ, тақарруни авзои сулҳу дӯстӣ, робитаҳои корӣ ва ғайра бахшида мешавад.

Журналистика арсаи фаъолияти эҷодӣ аст. Шаклу намуди барномаҳо, ба хусус, ток-шоуҳо ҳеҷ гоҳ қолибӣ нест. Баъзан ҳатто муколамаи оддии шифоҳӣ метавонад дар шакли ток-шоу пеш бурда шавад, гоҳо дар сӯҳбати паси мизи мудаввар низ ҷузъиёти ток-шоу мавриди истифода қарор мегирад. Албатта, чунон ки ишора рафт, ҳама чиз ба шароит, вазъият ва омодагии кормандони телевизион вобаста аст. Оддитарин сӯҳбати «ситора»-и телевизион, шахси соҳибмаърифату боистеъдод метавонад як муколамаи оддиро ба намоиши шавқовар табдил диҳад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ПРЕСС – КОНФОРОНС

**Пресс-конфоронс** як намуди мусоҳиба аст. Фарқ дар ин аст, ки миқдори мусоҳибон хеле зиёд аст ва онҳо ба мутахассиси соҳа ё роҳбарор бо як ё ду савол муроҷиат мекунанд.

Намуди дигари пресс-конфоронс ҳам ҳаст. Агар ба журналистон роҷеъ ба инъикоси ин ё он воқеаи бисёр муҳим шарҳу эзоҳ дода шавад ва агар журналистон ба чунин тавзеҳот ниёз дошта бошанд, чунин чорабиниро **брифинг** меноманд. Ба ибораи дигар, ошноии журналистон бо тарзу тариқи инъикоси воқеаи мадди назар брифинг номида мешавад, ки он як намуди пресс-конфоронс маҳсуб мегардад. Ин ҷо як нозукӣ ҳаст-бисёриҳо гумон доранд, ки ҳадафи аслии брифинг ин таъсиррасонӣ ба журналистон аст, онҳоро гӯё огоҳ карданӣ мешаванд, ки дар инъикоси рӯйдоди дар пешистода эҳтиёт бошанд, аз вохӯрии сарони давлат, ташрифу сӯҳбатҳояшон бо назардошти вазъият сухан ронанд. Дар ин маврид ғолибан ба унвони шӯъбаҳои иттилооти Вазорати корҳои хориҷӣ ҳар гуна овозаҳо паҳн карда мешаванд.

Пресс-конфоронс воқеаи муҳим аст, муҳимияти онро мавзӯяш муайян менамояд. Агар мавзӯъ мӯҳтавои умумиҷамъиятӣ дошта, ба ҳаёти табақаҳои аҳолӣ дахл кунад, метавон аз чунин пресс-конфоронс як намоиши хубе таҳия кард. Кормандони телевизион метавонанд худашон ин гуна мулоқотро созмон дода ҷузъиёти маҷрои онро таҳия намуда, пресс-конфоронс гузаронанд ва онро чун як жанри таҳлили публитсистӣ истифода намоянд. Созмондиҳандагони чунин як тадбир ба мулоқот ходимони намоёни сиёсӣ, ҷамъиятӣ, олимону нависандагон ва санъаткоронро даъват намуда, бо мусоҳиба ва саволу ҷавоб маҳдуд намешаванд, имконе фароҳам меоранд, ки намояндагони дигар касбу пешаҳо, минҷумла ноширон, журналистон низ бо саволҳои тунду тезашон баҳсро тасфонанд, аз таассуроти ҳосилкардаашон мақолаҳо навишта дар мавзӯъҳои алоҳида маъруфият пайдо намоянд. Воқеан, пресс-конфоронс имкониятҳои зиёди эҷодӣ дорад, метавон маҷрои онро андаке тағйир дода, конфоронсро бо мубоҳисаи тунду тезе табдил дод. Чунин мубоҳисаҳо ба бинандагон писанд меояд, зеро дар он саволҳою муоширати ғайриоддӣ рӯи кор хоҳад омад, азбаски дар бисёр ҳолат чунин тарзи гузориши масъала қолибӣ ва сахт расмӣ нест, дар он ақидаҳои гуногун баён карда мешаванд, ки ба манфиати кор буда, дар ҳаллу фасли проблемаҳо кӯмак мерасонад.

Намоиши пресс-конфоронс чун дигар анвои намоишҳои студиявӣ ба монтаж эҳтиёҷ дорад, вале набояд навори онро бурид ё мухтасар кард. Ба ин сабаб бештарини вакт онро мустақиман ба эфир мебароранд. Албатта, ҳеҷ мулк бе дарвоза нест. Дар низоми гузаронидани пресс-конфоронсҳо анъанаҳои маъмулӣ ва қоидаҳои хоса мавҷуд аст ва ҳар як иштирокчӣ бояд онҳоро донаду риоя кунад.

Одатан, пресс-конфоронсро шахси муталеъ аз мавзӯъ ё масъули мавзӯъ ифтитоҳ бахшида, ба ҳозирон маърака (иштирокчиёни даъватшуда) сухан медиҳад, то онҳо бо сухани муқаддимавӣ роҷеъ ба

мавзӯъ маълумоти мухтасар диҳанд. Ҳолатҳое ҳам мешаванд, ки нотиқони даъватшуда аз сухани муқаддимавӣ даст мекашанд, мегӯянд, ки мавзӯъ ба ҳама маълум асту ҳозирон метавонанд яку якбора ба қисми саволу ҷавоб гузаранд. Аммо на ҳар кас ва на дар ҳама ҳолати дилхоҳ савол дода метавонад. Фақат бо иҷозаи барандаи пресс-конфоронс савол додан мумкин аст. Агар толор дорои дастгоҳи радио бошад, саолдиҳанда то ба ӯ расондани микрофон сабр мекунад. Шахси саволдиҳанда аввал худро муаррифӣ менамояд: ному насаб ва идораеро мегӯяд, ки он ҷо фаъолияти меҳнатӣ мебарад. Савол бояд кӯтоҳ, возеҳ ва фаҳмо бошад, хуб мебуд, агар савол якто бошад ва моҳиятан бо мавзӯъ робита дошта бошад. Саволи бисёр нафъи андак дорад. Мусоҳиб ба яке аз онҳо ҷавоб гуфта, дигарашро ё «фаромӯш» мекунад ё ба он чандон эътибор намедиҳад. Бо мусоҳиб баҳс кардан мумкин нест. Пеш аз савол ҳеҷ гуна муқаддима лозим нест, даври чунин худнамоиҳо гузаштааст.

Одатан аз ҷой бархоста савол медиҳанд. Ин барои он аст, ки шахси ҷавобгӯ ва наворбардори телевизион саволдиҳандаро бинанд ва мутаваҷеҳ бошанд. Боз як ҷузъ. Фаромӯш набояд кард, ки вақти савол додан ва вақти ҷавоб наворбардорон шуморо бо кадри бузург нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, аввалан, бетаваҷҷӯҳ набояд буд. Баъдан, дар ин ҳангом набояд бо кори дигаре машғул шуд, бо ҳамсоя набояд «бугӯ-бугӯ» кард. Ва солисан, беаҳамиятӣ ба ҷавоби савол ин як навъ беҳурматӣ нисбати меҳмонон, ба хусус шахси даъватшудаи посухдиҳанда маҳсуб мегардад.

Одатан пресс-конфоронсҳо дар мавзӯъҳои доғ, замонӣ ва муҳим баргузор карда мешаванд, бинандагон ба оқубати чунин маъракаҳо ихлоси хоса доранд. Маҳз тавассути жанри пресс-конфоронс метавон ин гуна мавзӯъҳо ҳамаҷониба муҳокима карда, таваҷҷӯҳи идораҳо ва шахсони масъул ба ҳаллу фасли онҳо ҷалб карда шавад.

Саҳми журналист дар пресс-конфоронс зоҳиран чандон казоӣ нест – вай дар ҷои муайян мешинад, савол медиҳад ва гӯш фаро медиҳад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар телевизион жанри саҳлу осон вуҷуд надорад. Ҳатто ҳунари нишаста тавонистанро бояд омӯхт. Дар пресс-конфоронс бояд тарзе нишаст, ки наворбардор дар ҳар лаҳзаи дилхоҳ тавонад шуморо бо плани мутавасит ё бузург нишон диҳад, агар бо коре машғул бошед, аз ҷумла хамёза кашидан, ғанаб рафтан, беҳавсала гӯш фаро додан, ҳар замон сар ё бадан хоридан, бисёр ноҳинҷор менамояд. Хулласи калом шакли зоҳирӣ бояд ҳеҷ гоҳ дар ғафлат набошад.

Саволдиҳӣ ҳунар аст, маҳорат мехоҳад, на ҳар кас яку якбора ба чунин маҳорат соҳиб мешавад. Вале муҳимаш кӯшиши омӯзиш аст, кӯшиш бошад, маҳорат ҳосил хоҳад шуд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# НОМАИ ХАБАРНИГОР

Диламон мехоҳад чунин калимаҳоро бо ҳаяҷони хоса ба забон биорем: Чеҳра. Манзара. Чиз. Қаҳрамонони (ё соҳибони) ин се вожа одам аст. Ҳамаи он захираи бои луғавӣ, ки мо барои тасвири зиндагӣ истифода мекунем, ҳар як ҷузъи дидашаванда (образи телевизионӣ), ки бо чашми камера ба парда меояд, барои инсон ва хотири инъикоси фаъолияти инсон аст. Гоҳо мешунавем, ки бо жанрҳои хурди телевизионӣ (ҳатто дар сурати таҳлили публитсистӣ буданашон) қиёфаи мақбули одамро рӯи парда овардан мумкин нест. Ба ин ақида розӣ шуда наметавонем, тамоми олами ҳастӣ, ҷузъиёти объект, тарзи ҳаракат, меҳнат, фаъолият бозгӯкунандаи воқеият асту иштирокчӣ ва инкишофдиҳандаи ин боз ҳам ҳазрати Одам аст. Аз ин рӯ, дар ҳама гуна жанр, хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург, мо изи Инсонро мушоҳида мекунем. Инсон офарандаи бисёр мӯъҷизаҳост.

Шарт нест, ки ҷузъи дида солу моҳҳо ба муоина гирифта шавад. Як нигоҳ, як лаҳза басанда аст, ки адиби мумтоз, журналисти кунҷков дар дафтарчааш, фаразан чунин қайде бигузорад: «Туро дидам, бароям бисёр азизӣ. Ту акнун аз манӣ, чаро ки дар навори манӣ Ту куҷо ки равӣ, бо кӣ ки бошӣ, ба куҷо ки барандат, ту аз манӣ, чаро ки туро ман ба оламу оламиён муаррифӣ мекунам. Ту аз манию ман аз ин дафтар ва навор, ки ёдатро ба ҷовидон додаанд».

Ин жанрро мухбирнома низ мегӯянд ва он ба телевизион аз матбуот омадааст. Вай яке аз жанрҳои кӯҳнатарини журналистика аст ва аз махсусиятҳояш кулли алоқамандони ВАО истифода мебаранд. Шояд бо сабабҳои боло бошад, ки ҳатто олимони шинохта байни худ баҳсҳо ороста, онро гоҳе ба жанрҳои таҳлилӣ ва гоҳи дигар ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ шомил месозанд. Ин баҳс гувоҳи он аст, ки тағйирот дар сохтори жанр ва фарохондаш ба масоили зиндагӣ хелоҳо ислоҳ ворид шудааст. Аммо як ҷиҳат бетағйир мондааст: вай ҳамеша бо ҳаёт, бо зиндагӣ аст.

Сарнавишти ин жанр дар телевизион тамоман дигар аст. Бо вуҷуди имкониятҳои беҳудудаш вай дар телевизион мақоми сазовор пайдо карда натавонистааст. Онро ҳатто бо номи аслиаш касе ном намебарад. Гоҳо гузоришаш мегӯянд, гоҳо намоиш.

Ин, албатта, як тарафи масъала. Муҳимаш он аст, ки номаи хабарнигор ба телевизион бедареғ хизмат мекунад, даъвои мақоми хоса пайдо кардан ҳам надорад. Чун дар матбуот аз ҳаёти ҷомеа силсилаи ё гурӯҳи далелу воқеотро ба ҳам оварда, аз тарзу тариқи зиндагии одамон ва кору фаъолияташон ихчам, бамавқеъ нақл мекунад, бинандаро ба таҳлили инфиродӣ ва натиҷабардорӣ водор месозад. Бо чунин ҷиҳатҳо вай ба жанри таҳлилие табдил ёфтааст, ки дар заминаи мавзӯъ ин ё он масъала ё проблемаеро дар миқёси ҳатталимкон маҳдуд баррасӣ менамояд. Мавзӯи баҳси номаи хабарнигор ҳудуд надорад: аз воқеаҳои хурд-хурди фарҳангӣ то иқтисоду кишоварзӣ, санъати иҷрокунандагию тасвирӣ, кошифӣ, рӯйдодҳои байналхалқиро фаро мегирад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Маълум аст, ки дар телевизион ҳама гуна далел ва воқеа шахсикунанда аст. Ҳама гуна намоиш маълумотро дар шакли умум, вале ҳамзамон бо чашми камера, аз диди шахси мушаххас ва дар чорчӯбаи вақти мувассаҷ муаррифӣ менамояд. Вай дар намоишҳои мавзӯӣ, тавре мавқеъ мегирад, ки журналист ба фарохаондаш эътимод дорад, тавассути он андешаҳояшро иброз медорад, ба таҳқиқ даст мезанад. Муаллифони номаи хабарнигор журналистони дар телевизион ҳамон вазифаҳоеро ба ҷо меорад, ки дар матбуот ба субут мерасонд, яъне дар заминаи силсилаи факту воқеаҳо мавзӯъ ё проблемаеро муҳокима, ҳаллу фасл карда, гоҳо хулосаву андешаҳояшро низ баён медорад.

Номаи хабарнигор ҷиҳатҳои хоси жанриашро вобаста ба талаботи телевизион нигоҳ медорад. Матни нома аксаран аз паси кадр хонда мешавад, вале агар зарурати таъкид пеш ояд, муаллиф дар кадр фикрҳояшро пешниҳод менамояд. Як чиз мусаллам аст: хоҳ дар кадр, хоҳ аз паси кадр матнро ҳатман бояд худи муаллиф хонад, дар ҳолати хондани матн аз тарафи наттоқ ё каси дигар номаи хабарнигор ҳассосият ва актуалияти мавзӯъ коста мешавад, муносибати журналист ба мавзӯи мавриди назар заиф мегардад. Моҳиятан номаи хабарнигор ду муаллиф дорад: адиб (журналист) ва наворбардор, ҳар дуи онҳоро барҳақ журналист мехонанд, зеро дар номаи хабарнигор тасвир бо сухан баробарвазн аст.

Албатта, ҳама кор беистисно нест. Бисёр вақт мо ҳангоми намоиши мухбирномаҳо аз хориҷа мебинем, ки хабарнигор дар ягон ҷода ё манзарае истодаасту дар бораи воқеаҳои рухдод худаш нақл мекунад. Метавонем, чунин гузориш ё намоишро интиқод карда, бигӯем, ки талаботи жанрӣ дар ин маврид риоя нашудааст. Вале барои то чунин гуфтан бояд як каме андеша кунем. Чаро? Шояд шароити навори воқеаи мадди назар набошад, ё шояд ҳадафи студия муаррифии журналист, набудани имконияти сафар ба ҷои таъиншуда бошад. Дар ҳар сурат, барои даст кашидан аз маҳкум кардани журналист ё студия омилҳои зиёде вуҷуд доранд Ба ҳар ҳол, заминаи кам кардани тасаввуроти мавҳум роҷеъ ба тарзу тариқи пешкаш намудани намоиш ҳаст. Журналист метавонад маълумотеро аз тариқи мусоҳиба пешкаш намояд. Чунон ки мебинем, ҳадафи мусоҳиба як усусли рӯёндани маълумот аст. Зиёда аз ин дар мусоҳиба унсурҳои таҳлил маротиб зиёд аст ва агар дар номаи хабарнигор фаразан ҷузъиёти мусоҳиба зиёд бошад, гувоҳи он аст, ки журналист ба таҳлилу натиҷагирӣ завқи бештар дорад. Ва боз. Чунин амал далели ин ҳам ҳаст, ки дар номаи хабарнигор мусоҳиба ҷузъи асосии сохторӣ аст.

Телевизион аз гунаҳои мухобиротест, ки ба иштироки мустақими инсон дар намоиш эҳтиёҷ дорад. Мухбирнома бошад, жанрест, ки ҳамеша ба намоиши фаъолияти инсон майл мекунад. Ва боз. Солҳои охир анъанаи намоишҳои аз нигоҳи вақт тӯлонӣ чандон писанд нест. Мардум ба камгӯӣ ва сермаъноӣ одат кардаанд. Агар мо ба ҷадвали барномаҳо эътибор диҳем, зуд дар меёбем, ки дар гурӯҳи жанрҳои таҳлили публитсистӣ намоишҳои аз ним соат бештар хеле кам шудааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин талабот ба мухбирнома ҳам мустақиман дахл кардааст. Масалан, агар мавзӯъ актуалӣ ва ҳалталаб бошад, чун идомаи намоиш мутахассисонро гирди мизи мудаввар ҷамъ меоваранд. Чунин шакли барномасозӣ беш аз пеш қабули ҳамагон гашта истодааст ва он барои журналистони «фаврикор» ҳам истисно нест.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ПЛАНИ СЕНАРИЯ*

Вақтҳои охир баҳси атрофи мавзӯи телевизион ва кормандони он хеле авҷ гирифтааст. Азбаски мо ҳама телевизионро чун афсона як қуттӣ ё сандуқи сухангӯ медонем, ақидаамон ҳам гоҳо чунин аст: ҳар касе, ки камерае дошта бошад, ё чанд одамро даври миз гирд оварда тавонад, корманди телевизион шуда метавонад. Ин гапро ҳатто асоснок ҳам мекунанд, мегӯянд, ки аксари мутлақи ТВТ ё ТВС («Сафина») намояндагони ихтисосҳои аз журналистика дур аст. (Бадбахтона, ин фикр ба ҳақиқат наздикӣ дорад).

Ва фикри дигаре ҳам байни кормандони телевизион ҳукмрон аст – агар мавод ба навор бардошта шуда бошад, мувофиқи аҳдофи пешгузошта монтаж кардани он саҳл корест. Ва шояд ба ҳамин сабаб наворбардор бисёр маврид дар телевизион ба шахси аввал (аз рӯи мавқеъ) табдил меёбад. Ин ақида ҳам билкулл ғалат аст.

Телевизионҳо гуногунанд, ба давлат, ҳукумат, аҳзоб, ҷамъиятҳо ва табақаҳо (баъзан қавмҳо) хидмат мегузоранд. Вале дар ҳама ҷо ва ҳама шакл қоидаҳои умумие доранд, ки риояашон ба комёбӣ ва худсариҳояшон ба нокомӣ мувоҷеҳ месозад.

Телевизион аз рӯзи чун василаи иттилооти оммавӣ шинохта шуданаш (аввали солҳои сиюми асри гузашта) назди кормандонаш талаботе гузошта, ки аз масири фаъолият бармало мегардад. Ин талабот дар фикр кардан, дидаву санҷида, мувофиқи ҳадаф рӯи коғаз тезисвор сабт кардани амал аст. Ҳамин гирдоварии бисёр мухтасари мақсад (амал)-ро плани сенария мегӯянд. Муаллифи китобчаи «Жанрҳои журналистикаи телевизион» дар мавриди нақшаи сенария бо ду ҷумла маълумот додааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «нақшаи сенария – мақсаду орзу, тасаввуроти пешакии муаллифон дар хусуси намоиши ояндаи иди оммавист ва шакли ҷойгиршавии майдонҳои сабт ва табиати номераҳои интихобшаванда ва гурӯҳҳои ҳунариро дар бар мегирад»[1].

Азбаски муаллиф корманди бевоситаи телевизион буд (ва навиштааст сирф аз таҷриба рӯидааст) ва ҳам ҳадафи ӯ овардани як маълумотест роҷеъ ба намоишҳои идона, ба фикри ӯ розӣ шудан мумкин аст. Дар асл бошад, нақшаи сенария (план) як кори басо печидаю заҳматталаб аст, ки омодагии мустақими журналистро тақозо дорад.

Ҳарчанд сухан андаке аз ҳудуди мавзӯъ убур мекунад, бояд бигӯем, ки қаҳрамони ҳар гуна намоиш (вай хоҳ манзара бошад, ё тасвири кор) Инсон аст. Вале вай дар намоиш чун предмет намоён мешавад ва плани сенария, хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург, бояд портрети ӯро бо тамоми қаду қомат дар назар дорад.

Аввалтар аз ҳама мегӯем, ки сенария бо наср навишта мешавад. Вай яке аз марҳилаҳои асосии раванди кори эҷодӣ дар роҳи сӯи бунёди асари публитсистӣ аст (аз ҷузъи нюзрум то ток-шоу ҳама авзои

---

* Муаллифони маводи таълимӣ доир ба сенария китобчаи хосае омода кардаанд, ки мустақиман ба датси чоп хоҳад рафт.

[1] Ҷумъа Қуддус. Жанрҳои журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2003. – С. 38.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

публитсистӣ дорад). Сенария ин сабти адабии ҳалли тасвирӣ ва овозии намоиш аст. «Сенария тасвири воқеа, ҷой ва вақти ба вуқӯъ пайвастани он, самти инкишофи сужет, тафсили хислати иштирокдорони воқеа мебошад»[1].

Ва аммо мафҳуми сенария таърихи қадима дорад. Эскизҳои (мусавваpаҳои) адибони машҳур (Пушкин, Диккенс, Толстой, Балзак, Икромӣ, Улуғзода ва дигарон)-ро нақшаи асарҳои оламшумул гуфтан мумкин аст. Мафҳуми сенария аввалҳо дар театр машҳур буд. Тартиб, эссеи (конспекти) асари калонҳаҷми драмавиро сенария мегуфтанд. Дар Юнони қадим сенариус гуфта шахсеро меномиданд, ки дар паси парда меистоду кай ва аз куҷо ба саҳна баромадани ҳунарпешаҳо, ҷой ва мавқеи истифодаи эффектҳои саҳнавиро муайян мекард. Баъдтар вожаи сенария ба кино гузашт ва он ҷо қариб ки пурра муқимӣ шуд. Кино ва телевизион ду бародари дар истифодаи васоити техникӣ баробарҳуқуқанд, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо (дар асри XXI аксари маврид) телевизион аз кино бо истифодаи техника, технология ва эффектҳои тасвирӣ телевизион пешсаф аст. Аммо сенария, ба хусус дархости сенарӣ ва нақшаи он дар замони мо аз рукнҳои асосии журналистикаи телевизион ва кинои ҳуҷҷатӣ гаштаанд. Ин хусусият дар филми ҳунарӣ ҳам ҳаст, аммо он ҷо талабот дигартар аст.

Сенария марҳалаи мобайнии кор барои офариниши асари мустанад аст. Вай як бахши бузурги кори омодагиро (ошноӣ бо мавод, интихоб ва таҳияи мақсадноки он) ҷамъбаст карда, арафаи оғози навор аст.

Роҳу усулҳои татбиқи мавзӯъ дар намоиш ё барнома гуногун аст. Онро ҳар журналист ба таври худ ҳал карда метавонад. Масалан, идора дар асоси нуктаҳои суханронии Президенти Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов дар ҷаласаи ҷумҳуриявии кормандони маориф (22. 12. 2005) ба журналисте дархост медиҳад то дар ин мавзӯъ асари мустанади телевизионие биофарад. Ҳама медонем, ки маҳз дар ҳамин маҷлис Президент бори аввал дар тӯли фаъолияташон ба таҳсил ва тарбияи фарзандон волидайнро низ чун коллективи педагогӣ масъул шуморид. Журналист ин нуктаро дар гӯш дорад. Аз ин рӯ, вай мехоҳад дар намоишаш ба падару модарон, боғчаву яслиҳо, ба шӯъбаҳои маорифи халқ муроҷиат намояд. Тарзу тариқи муколама ва сӯҳбат бо волидайн якнавохт нест. Вай метавонад ҷузъи мулоқот ё сӯҳбати онҳоро ба нақша ворид созад ё шахсро кунад, ки кадом саҳнаю манзараҳоро интихобан ба намоиш шомил месозад.

Дархости сенарӣ манбаъҳои гуногун дорад. Мавзӯъро метавонад идора, роҳбарони болоӣ, ё худи журналист пешкаш карда метавонад. Масалан, маълум аст, ки масъалаи ахлоқ аз рукнҳои асосии ҷомеаи имрӯза аст. Журналист мехоҳад ин мавзӯъро бо ду ҷузъи ахлоқи зишт – одамфурӯшӣ ва фоҳишагӣ нишон диҳад. Бо ин мақсад вай объектҳои таҳқиқи ояндаро мушаххас гардонда, мавзӯъро нақл мекунад ва барои

[1] Егоров В. Терминологический словарь телевидения. – Москва, 1997. – С. 66.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омода сохтани барнома таҷҳизот ва гурӯҳи корию эҷодӣ тақозо менамояд.

Плани сенарӣ сирф кори эҷодӣ аст, ҳарчанд дар он аносири техникию технологӣ хеле зиёд ба чашм мерасад.

Агар хусусиятҳои ҷузъиро ба ҳам оварем, раванди кори таҳияи, фарз кардем, як очерки телевизиониро ба таври зайл мураттаб сохтан мумкин аст:

- ошноии ибтидоӣ бо объект ва қаҳрамонон дар маҳалли навор (ё тавассути сарчашмаҳо);
- клонкретӣ сохтани мавзӯъ, проблема ва ғоя дар асоси маводи воқеият;
- таълифи дархост, муҳокимаи он бо муҳаррир, коргардон, тасдиқи мавзӯъ дар Шӯрои бадеӣ (ё худи идора) ва пешниҳоди дархост;
- сафар ба ҷои воқеа (ё объект), омӯзиши ҳамаҷониба (ҷузъ ба ҷузъ), интихоби одамон (персонажҳо) ва воқеаҳои, ки ба намоиш ё филми оянда шомил карда мешаванд;
- навиштани сенария;
- муҳокима ва тасдиқи сенария.

Ин ҷо таваҷҷӯхро ба як ҷузъи дигар ҷалб карданием. Амалияи фаъолияти журналистӣ метавонад риояи пурраи мароҳили таъкидшударо инкор кунад. Инак, як мисол. Солҳои 60-уми асри гузашта яке аз муаллифони ин васоит дар телевизиони Тоҷикистон кор мекард. Он вақт ба сабабҳои маълум, дастгоҳ, таҷҳизот ва нақлиёт камтар буд, аммо журналистони рус бештар буданд. Ду наворбардори собиқадор доштем (Анвар Ғайбуллоев ва Ботур Қобилов). Юрий Каплуков ном муҳарррире буд, ки қариб тамоми сенарияҳои студия аз дасти ӯ мегузашт. Ю. Каплуков наворбардорон А. Ғайбуллоев, В. Шпилев, С. Шагпалов, Б. Қобилов ва чанди дигарро ҷамъ карда, тахминан чунин дастур дод:

- Ба маҳал, ки рафтед, чандчашма шавед, тамоми ҷузъиёти объектро бо диди журналист ва адиб муоина кунед, ба умеди навор нашавед, дар он ҳама чизи дидаю шунидаро сабт кардан имкон надорад. Мушоҳидаҳоятонро дар блокнот нависед. Аз рӯи ҳамаи он, яъне навор ва факту далелҳо дархости филми проблемавиро низ навиштан мумкин аст.

Аммо сайқали дархост ё сенарияи намоиш ҳатто бо назардошти кулли гуфтаҳои боло ба итмом намерасад. Муаллифи дархост ё сенария дар сабту навори намоиш ё филдм иштирок карда, ба матн тағйиротҳо шомил мекунад, дар мушовара бо коргардон (ё ҳатто идора) лаҳзаҳои ҷудогонаро сайқал мебахшад, ё тағйир медиҳад. Баъди анҷоми кор ва монтажи мавод марҳалаи таълифи матни наттоқ (шахсе, ки матнро мехонад) фаро мерасад, Анъана шудааст, ки на ҳама матнро худи муаллиф нависад, онро метавонад шахси тамоман бегона, вале касе, ки дар қироат ё дид сухани паси парда маҳоарти хоса дорад, нависад.

Амалияи кор дар телевизион кайҳо собит кардааст, ки ҳама гуна барнома, ҳатто шоуҳои серодам аз пешниҳоди дархост (заявка) оғоз

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

меёбад. Дархост фикр, мулҳиза ё андешаест, ки дар сухан ифода меёбад ва онро идея ё ғоя ҳам мегӯянд. Дар маҷмӯъ дархост барои ҳаллу фасли ду вазифа нигаронида мешавад: вай имкон медиҳад, ки фикр (идея) инкишоф дода ва баъдан, тариқи он бо идора (шӯъба)-и мавриди назар робита барқарор карда, ба истеҳсолот ворид карда шавад. Дархост санади ҳуқуқӣ аст, дар асоси он бо идора шартнома имзо карда, сенарияи як асари калони телевизиониро навиштан мумкин мебошад. Дархост вақту мавқеи муайяни таълифу пешниҳод дорад. Вақте журналист (ӯро баъзеҳо драматург ҳам гуфтаанд), мавзӯеро интихоб кардаю онро ҳаматарафа омӯзад, ба умқи воқеа сарфаҳм рафта, ҷой ва вақти наворро тахминан аниқ созад, метавонад паи таълифи дархост шавад. Дар он ӯ ҳалли композитсионии мавзӯъ, жанр, лаҳзаҳои ҷудогонаи мавзӯъро (барои ҷалби таваҷҷӯҳи кормандони идора ё коргардони соҳибтаҷриба) тасвир намояд. Ҳангоми таълифи дархост муаллиф бояд мушаххасан донад, ки то ин барнома (ё намоиш) ӯ ба тамошобин чӣ гуфтаниҳое дорад. Дархост бояд ҳатман мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, мутахассисони (кормандони) студияро ба кор болои он ҳавасманд созад.

Қолиб, шакл ва ҳаҷми дархост муайян нест. Ин ҷиҳатҳо ба он вобаста аст, ки мавзӯъ дорои кадом махсусиятҳо аст, студия ва кормандони он то кадом ҳад ба мавзӯи мавриди назар таваҷҷӯҳ ва ба муаллифони идея чи қадар эътимод доранд. Дар дархост лаҳзаҳои ҷудогонаи ҷараёни воқеаро нақл кардан ё ба таври сенаря пешниҳод кардан мумкин аст. Аммо дар ин ҳолат муаллиф бояд таъкид намояд, ки бо кадом сабаб ин мавзӯъ ва лаҳзаҳои нақлшуда таваҷҷӯҳи ӯро ҷалб кардааст. Муаллифони дархост ҳамчунон метавонанд нақлро аз забони қаҳрамони асосӣ ё якчанд персонаж нақл кунанд ё чунин сурат бастани воқеаро таъкид намоянд.

Инак, порае аз дархости филми ҳуҷҷатӣ дар бораи як фидоии матбуот Юлдош Зиёев.

... Порае аз зиндагии ин марди фидоии миллат ва матбуоти он дар қиссаи нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев «Писари газета» нақл шудааст, ҳарчанд вай бештар аз сарнавишти шахси дигар нақл мекунад.

Рӯзе аз рӯзҳо ба идораи газетаи «Тоҷикистони советӣ» касе сим зада гуфт, ки мардеро ба касалхонаи паҳлӯи боғи марказии истироҳат овардаанду дар ҳуҷҷаташ мудири шӯъбаи «Тоҷикистони советӣ» навишта шудааст. Чанд тан аз кормандони газета ба бемористон шитофтанд. Ю. Зиёев беёд мехобад ва духтур – духтараки тахминан 25-26 сола паҳлӯи кати вай мегиристу наҷво дошт:

- Худоё, наход дар ҳамин даврони серию пурӣ одам аз гуруснагӣ биафтад...

Юлдош Зиёев аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо бадани абгору валангор, бо асобағали дугона баргашт. Нафақа таъинаш карданд, имтиёзҳои хуб дошт. Дар идораи газета ба кор даромад. Рӯзе муҳаррир фармуд, ки доир ба ҳаёти бачаҳои сағирхона маводе бинависад. Рафт. Бо

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чашмони пурашк ба редаксия баргашт. Зиндагии ятимони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ӯ сахт асар карда буд.

Баъд дар сенария саҳнаҳои чи тавр даст кашидан аз нафақа ба нафъи тарбиягирандагони сағирхонаҳо, даст кашидан аз имтиёзҳо ба нафъи ятимони интернатҳо, шабу рӯз кор кардану дар идораи газета хуфтанҳои ӯ оварда мешавад...

Ю. Зиёев зане дошт, ки бисёр маккор буд. Моҳонаашро аз идора омада мегирифт, ба ӯ ______ ҳам намедод. Ӯ рӯзона аз шӯъбаҳо нонпораҳои хушк ҷамъ мекард. Рӯзона аз ҳисоби ҳамкорон мехӯрд, субҳу шом бошад, нонпораҳоро ба об тар карда мехӯрд. Чун меъдааш ва захмҳояш ба дард даромад, ӯ аз хӯрдани нони хушк ҳам даст кашид ва оқубат ба бемористон афтод.

Дар филм қаҳрамонӣ ва саховати як нафаре нақл карда мешавад, ки зиндагияшро бидуни ҳама гуна худафрӯзӣ сарфи ятимону сағирон кардаасту худаш дар лаҳзаҳои дармондагӣ дармонгоҳу дастгире надорад.

Ба ҳамин тариқ, дархост ин нақли мӯҳтавои филм аст. Вай бояд ҷастаю гурехта тарзу тариқи кори баъдӣ болои сенарияро ба коргардон нишон диҳад. Дар пораи дархосте, ки оварда шуд, мӯҳтавои филм гӯшрас шудааст: Яъне, замони мо (даврони шӯравӣ) доир ба ғояҳои башардӯстона хитобаю шиорҳои бисёр дошта бошад ҳам, дар амал ин тавр набуд. Ҳамоне ситора мешуд, ё мавриди таваҷҷӯҳи хоса мегардид, ки худро бо чор тараф зада, ордену медалҳояшро пеши бар овезон карда, аз хизматҳояш овозаю дарвоза намояд. Юлдош Зиёев як инсони бисёр хоксор буд, ҳарчанд дар чанд лаҳзаи ҷанг корнамоии қаҳрамонона буду аз номи командири полк ба унвони қаҳрамонӣ пешниҳод шуда буд, аз ин хусус ҳарфе намезад. Ҳуҷҷатҳояшро дар сандуқи оҳанине дар редаксия нигоҳ медошт ва ба касе нишон намедод. Фақат баъди маргаш журналистон бо корномаи дурахшони ҳамкорашон шинос шуда моту мабҳут гашта буданд.

Филм ҳамчунон як хусусияти ҷолиб дорад. Дар як назар ва муносибати роҳбарон, кормандони ташкилотҳои Ҳизби Коммунист (шиорбадастони ёвагӯ), журналистони дорои унвону сатҳи гуногун, иттифоқҳои касаба (қиссаи пулҷамъкунии баъди фавти ҳар журналист), комсомол ва пионерон бо далелҳои ҷолиби диққат нақл карда мешавад. Яке аз муаллифони ин дархост бо Ю. Зиёев солҳои зиёде кор карда буд ва зиндагии ин марди шарифро хеле хуб медонад.

Дархости филм, албатта, баъзе шарҳу эзоҳро тақозо дорад. Аммо барномаи телевизион фақат аз филму намоишҳои калон иборат нест. Ҳатто сужети ахбори рӯзмарра бояд нақшаи сенария дошта бошад. Ин кор, ба хусус барои онҳое, ки баъди хатми макотиби олӣ (мо шӯъбаю факултетҳои ихтисосиро дар назар дорем) бисёр зарур аст. Онҳо дар донишгоҳ (ё донишкада) дарсҳои назариявӣ гузаштаанд ва дар таҷрибаомӯзӣ наворбардории сужаҳои телевизиониро дидаанд. Вақте, ки бо нақшаи сенарияи сужа ба объект меравaнд, сари калобаашро гум нахоҳанд кард. Онҳо рӯзҳои (шояд моҳҳои) аввал аз рӯи нақша амал

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунанд ва ҳангоми интихоби кадр, монтажи навор аз рӯи нақша ё талаби сармуҳаррири идора тадриҷан дарк мекунанд, ки барои навиди телевизионӣ кадом навъ ё намуди навор, кадр ва нақша бештар зарурат дорад. Журналистони собиқадори шӯъбаи ахбор бидуни дархост ҳам кор карда метавонанд, вале пеш аз оғози навор бояд ҳатман объектро биомӯзанд, ҳадс бизананд, ки дар кадом шакли навор мавод метавонад бе коркарди зиёд дар дастгоҳи монтаж ба эфир рафта метавонад.

Ин талабот ба нақшаи дархости ҳамаи жанрҳои телевизионӣ дахл дорад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# НОВЕЛЛАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

Телевизион тӯли беш аз 80 сол аз воситаи оддии пахши ахбор ба соҳаи нави эҷоди бадеӣ табдил ёфт. Ин соҳаест басо ҷолиб – аз ҳама санъатҳо, воситаҳо ва каналҳо бархурдор аст. Вай дар ҳамҷаворию ҳамкорӣ бо ҳаёти ҷамъиятӣ, бо адабиёт, театру кино инкишоф меёбад. Телевизион бо тамоми анвои маданияти ҷамъият робитаи ногусастанӣ дорад.

Дар телевизион ҳар фарди эҷодкор роҳу усули хос дошта метавонад. Вай истоди (ракурси) хосро интихоб карда, аз таҷрибаи шахсӣ ва дигарон якбора истифода намуда, табъу завқи хешро бо завқи ҷамъиятӣ, анъанаҳои маданӣ муртабит мегардонад.

Жанрҳои телевизион низ тарзи ҷолиб инкишоф меёбанд. Дар ҳар марҳала ягон жанр чун талаботи бадеӣ ва иҷтимоӣ нақши пешсафӣ касб мекунад.

Эссеи бадеӣ (таҳияшуда) ва теленовелла чун як қиссаи кӯтоҳ бо сужаи оддӣ, бо композитсияи пухта, ягонагии мавзун ва ритми хос баробари телевизиони оммавӣ рӯи парда омадааст. Вай акнун як намуди барнома аст.

Мунаққидони кино ва телевизион дар бораи новелла кам ҳарф мезананд, дар ҳоле ки ҳамон сериалҳои дурудароз ин занҷираи қиссаҳои ба ҳам пайванд аст. Эссе, новеллаи телевизионӣ асосан аз адабиёти асотирӣ, аз эҷодиёти шифоҳӣ сарчашма мегиранд.

Онҳо ба зиндагии рӯзмарраи муосирон мустақиман дахолат мекунанд. Агар мо таърихи на чандон дури халқамонро варақгардон кунем, хоҳем дид, ки аз талоши аз байн бурдани сохти шӯравӣ то ҷанги тоҷиккушӣ, аз оғози марҳалаҳои бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ то сохтмонҳои азамати асри XX ва XXI (роҳи Душанбе-Қулма, нақби Анзоб, нерӯгоҳҳои барқии Роғуну Сангтӯда) дар эссеҳои матбӯъ ва мусаввар инъикос ёфтаанд.

Новеллаи телевизионӣ хусусиятҳои хоси бадеӣ ва публитсистӣ дорад. Вай зоҳиран жанри бадеӣ, бадеӣ-публитсистӣ аст, ҳамеша дар талоши он аст, ки ба рушди маънавият, ҳамбастагии тамаддунҳо кӯмак расонад. Бо ин мақсад офарандагони новелла ҳамеша дар садади такмили сохтори ин гуна осор ҳастанд. Поэтикаи новеллаи телевизионӣ аз бисёр ҷиҳат ба сайқали таҷҳизот, ба динамикаи инкишоф (то ба дараҷаи созмони репортажӣ) вобаста мебошад. Эффекти иштирок ба мӯҳтавои он таъсир мерасонад. Новелла аксаран дар вуҷуди барнома мақом пайдо мекунад, аз ҳаёт маншаъ мегирад, яъне хусусияти ҳуҷҷатнокӣ касб мекунад.

Новелла ва эссеи тасвирии телевизионӣ аз хусусиятҳои жанрии очерки портретӣ ва репортажҳои сужадор мустафид мегарданд.

Эссе ва новеллаи телевизионӣ асосан дар асри XX ба арсаи вуҷуд гом ниҳодаанд. Эҳёашон ба солҳои 50-60 рост меояд. Дар оғоз эссею теленовелла хусусияти истеҳсолӣ доштанд, аз зиндагии ҳамасрон – қаҳрамонони арсаи кор нақл мекарданд. Бо мурури даст задани

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бузургони соҳаи кино ва адабиёт бадеият дар сохтор ва ифодаи жанрҳои номбурда боло гирифт. Аз ҷумла, дар новелла-эссеҳои Лучино Висконти «Мо, занон» (1953), «Кор» (1962), «Ҷодугари сӯзон», Федерико Феллинӣ «Габби Думмент» (1968) ва Микеланҷело Антониони «Кӯшиши худкушӣ» (1953) ва «Зани серӯя» (1965) бинандагон бо ҷиҳатҳои хоси умумиятдиҳии рӯйдод дучор омаданд. Ин як навъ оғози баланд бардоштани поэтикаи новелла буд. Албер Ламорисса бо номи «Пуфаки сурх» (1956) филми кӯтоҳметражие офарид, ки дар он хосияти азалии эссеи мусаввар – талқини маърифат хеле барҷаста ҳувайдо мегашт.

Ба арсаи вуҷуд омадани филми кӯтоҳметраж тасодуфӣ набуд. Вай бояд ба филмҳои қолибии дурмадарози голливудӣ муқобилат мекард.

Бузургтарин бозёфти чунин асарҳо он буд, ки воқеаи тезутундро ба парда кашида, бинандаро якбора ба андеша ва кунҷковӣ водор месохт. Шеърият ва тахайюл (фантастика) ба ҳам ба созиш меомаданд.

Масалан, дар филми «Пуфаки сурх» (пуфаки зинда) ва мактаббачаи парижӣ ба сӯҳбати қолибе пардохта, ба парвозҳои қолиб (бепоя, вале диданӣ) оғоз мебахшанд.

Дар силсилаи «Ералаш» бошад, бинанда бо  мустақилияти ҳар сужа, аз мултипликатсия то ба воқеият рӯ ба рӯ мешавад.

Унсурҳои жанри новелла дар осори замони Эҳё, дар асрҳои XII – XIV ба мушоҳида мерасад. Новелла калимаи италянӣ буда, маънияш навид, навигарӣ аст. Қиссаҳои хурд-хурди эҷодиёти халқиро новелла мегуфтанд. Французҳо онро фаблио, олмониҳо шванка мегуфтанд. Новеллаҳо авзои ҳаҷвӣ, юмори баланд доштанд ва гоҳо ба памфлет монанд гашта, оҳанги сиёсӣ мегирифтанд.

Қуллаи баланди инкишофи новеллаи даврони Ренесанс бо номи Ҷованни Бокаччо, Мазуччо (Томазо Гуардато), Франко Саккетти ва дигарон алоқаманд аст. Новеллаҳои ин даврон сужаи муттаҳидкунанда доранд. Масалан, новеллаи «Декамерон»-и  Бокаччо он қадар қолиб буд, ки ба он ҳатто Шекспир тақлид карда буд.

Дар адабиёти тоҷик новеллаҳои зиёдеро дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и М. Авфӣ, «Абӯмуслимнома», «Замчинома», «Ҳамзанома», «Доробнома», «Самаки айёр», «Чор дарвеш», «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, дар осори Саъдӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш дидан мумкин аст. Онҳо ақидаҳои инсондӯстӣ, рафоқату бародарӣ, ахлоқӣ, меҳанпарастиро талқин мекарданд.

Дар асри XX новеллаҳои хубро Ҳаким Карим навиштааст: «Хаппак», «Худписанд», «Тӯҳфа», «Ҳақиқати талх», «Латиф Қутил», «Одам дар халта», «Бегӯш», «Ҷоду». Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» бисёр новеллаҳои қолиб дорад: «Никоҳи духтари нӯҳсола», «Достони сайри Ширбадан»,  «Истиқомати даруникуртагӣ» ва ғайра.

Нахустин новелла – филмро дар Тоҷикистон кинематографи машҳурамон Комил Ёрматов офаридааст. Вай соли 1934 филме бо номи «Муҳоҷир» офарида буд, ки ба бунёди колхозҳо дар Тоҷикистон ва талоши инсони соҳиббахт барои ҳаёти серу пур нақл мекард. Филми

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дигар бо номи «Солҳои дури наздик» (1976) рӯйдоду ҳаводиси инқилобиро дар Тоҷикистони имрӯзӣ ба ёд меоварd.

С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, П. Толис, Ф. Муҳаммадиев, Абдулҳамид Самад ва дигарон низ новеллаҳои ҷолиб доранд.

Новелла дар олами адабиёт ба нақли мӯҳташами ҳаёт ихтисос дода мешавад. Вай бо сохтори дохилӣ гоҳ ба драма, гоҳ ба шеър монанд (авзои равонӣ) мешавад. Дар новелла нақли ғайриоддӣ маъмул гаштааст. Масалан, Гёте дар «Сӯҳбатҳои муҳоҷирини олмонӣ» аз сужаи тоза истифода карда буд.

И. П. Эккэрман дар эссеи «Сӯҳбатҳо бо Гёте» навишта буд: «Новелла як рӯйдоди воқеии гӯшношунид аст». Ба ақидаи Гёте дар новелла бояд воқеа нотакрор, фавқулодда буда, ҳамзамон фикри хосаеро ифода кунад. Ҳамзамон Гёте ба ихчамии новелла истинод мекунад. Вай мегӯяд: «Тасаввур кунед, ки аз решае ниҳоле рустааст. Вай ба ҳар ҷониб навда карда, оқубат гул мекунад. Гул ногаҳон, аз шумо бехабар пайдо мешавад, аммо пайдоиши ӯ ҳатмист, зеро ҳар ниҳоле бо мақсади гул кардан мерӯяд»[1].

Новеллаи Гёте «Шикор» як сужаи аҷибе дорад: шере ҳамаро ба дод оварда буд. Писарбачае баъди муоина дарёфт, ки ба пои вай хор халидааст. Ӯ аз пои шер хорро гирифт, маҳин-маҳин шеъре хонд, най навохт ва шер лаҳзае ба писарбача нигаристу бадар рафт.

Гёте навишта буд: «ҳадафам дар ин новелла он аст фаҳмонам, ки ҳар гуна девсурате баъзан бо кори ночиз, изҳори муҳаббат ё соддадилӣ ром мешавад. Қиссаи шер ва писарбача далел бар ин аст».

Намояндаи ҷараёни романтизми олмон Людвиг Тик дар новелла таърихро муҳимтарин рукн мешуморад. Таърих аз нигоҳи нотакрор. Эссеи имрӯза, ба гуфтаи Тик, мувофиқат дорад – таъсири эстетикиаш мустақим аст.

Паул Хейзе дар «Назарияи логин» ба новелла талаботи зайлро пешкаш намуд: ваҳдати амал, шиддати ҳолат, возеҳӣ ва муназзамии манзара. Назарияи логин аз таҳлили новеллаҳои Бокаччо рӯида буд.

Ҳамин тавр, аврупоиён жанри новелларо аз даврони Эҳёи Италия чун намуди мустақили адабиёт қабул кардаву инкишоф додаанд.

Минбаъд новелла тағйироти ҷузъӣ гирифта бошад ҳам, аз чорчӯбаи қонунҳои хеш набаромадааст. Инро эҷодиёти Мопассан, Мериме, Э. По, О. Генри исбот кард. Ин муаллифон дар новелла мӯъҷазбаёнӣ, нақли тамаркуз додашуда, возеҳии композитсия, ягонагии амал, теъдоди ками персонажҳоро таъкид кардаанд. Афкори онҳо дар эҷодиёти А. П. Чехов, Э. Хемингуэй, Ф. Кафка талқин шудааст.

Баъди инкишофи ҳикоя дар асри XIX новелла ба дигар хислатҳои номбурда ҳамчунон психологизми дақиқро зам кард. Дар новелла ҷанбаи лавҳа, эскиз, импрессионизм (таассурот)- на нақл, балки мусаввара, таассуроти аввала, таҷрибаи инфиродиро таъкид мекунанд.

---

[1] Эккэрман И. П. Разговоры с Гете в последные годы его жизни. – М., 1981. – С. 206

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар асри XIX таъсири мутақобилаи ҳикояву новелла ба дараҷае афзуд, ки Б. В. Томашевский дар китоби «Теория литературы» ҳикояву новелларо синоними якдигар номид.

Виктор Шкловский новелларо жанри зиндаи санъат номида, онро ба факоӣ (анекдот) хеш донистааст. Ӯ тағйири тезутунди воқеаву ҳодисаҳоро дар новелла таъкид менамояд. В. Шкловский нақши ноқилро дар новелла дар ҷои аввал гузоштааст.

Равоншинос Л. С. Виготский дар китоби «Психологияи санъат» доир ба новелла ақидаҳои ҷолибе дорад. Ӯ возеҳии композитсия ва шаклро дар новелла чизи асосӣ медонад ва перипетияро (лаҳзаи ҳассос, печидагӣ) ба ҷои аввал мегузорад. «Перипетия на нуқтаи гардиш, балки лаҳзаи эҳсоси шадиди ҳиссиёт аст, ки бо ҳам омезиш меёбанд, дилро, рӯҳро фишор меоранд»[1].

Принсипҳои таҳлили Л. С. Виготский ба новеллаи визуалӣ (кино ва телевизион) мувофиқ меоянд, зеро маҳз дар телевизион ва кино «эффекти ҳис» бо усули созмони хосаи композитсионӣ ва манзараи мусаввар ба амал бароварда мешавад.

Ҳарчанд дар санъат жанри соф вуҷуд надорад, новелларо жанри мустақил гуфтан равост. Вай таърихи тунду тезеро паси сар кардааст.

Новелла жанри ҳикоятиест, ки аз ҳикоя бо навигарии худ, бо созмони дақиқ, композитсияи пешакӣ андешида ва анҷомёфта, шакли сареҳ фарқ мекунад.

Дар телевизион новелла дар ҳамсоягии қарин бо эссе шинохта мешавад. Таҷриба, санад, хислати очеркӣ ва репортажӣ дар ҳар ду амиқ аст. Рамз, маҷоз, киноя, мутоиба, ки дар «Калила ва Димна», «Ҳазору як шаб» ҳаст, дар бисёр новеллаҳои муосир дучор меояд.

Дар собиқ кишвари Шӯравӣ жанри теленовелла аз ҳама бештар дар Гурҷистон инкишоф ёфта буд.

«Миха» аз рӯи ҳикояи Михаил Ҷавохашвили «Волокита» («Ҳарҷу марҷ») таҳия шудааст. Режиссёр Мираб Коночашвили Михаи деҳқонбача ҳамсоядухтарро дӯст медорад, вале чун аз хизмати аскарӣ меояд, бойбача Сото ӯро гирифтан хостааст. Миха ва духтар гурехта дар қабати ғарами алаф руст мешаванд. Сото аз духтар даст мекашад. Тӯй. Ба рақси арӯсу домод ҳамаи онҳое шарик мешаванд, ки то ҳол ӯро меҷустанд.

Дар теленовелла ягонагии таассурот, анҷоми ғайриинтизор муҳим аст. Принсипи новелла – анҷоми характер аст. Ин характерҳо дар ҷараёни фаъолият айён мешаванд, яъне онҳо аллакай тайёранд, аз ин рӯ ошкоро, зудамал, зудпаз намо медиҳанд.

Қаҳрамони новелла ба ҷаҳон бо чашми ҳассос (лирикӣ) назар карда, ҷаҳони бой, ҳолати рӯҳиашро саршори зиндагидӯстӣ намоён месозад, архитектоникаи асар ба ритми дохилӣ, чун дар шеър ба ҳам пайванд мешавад. Дар новелла калимаҳои изофӣ, лофу газоф нест.

[1] Выготский Л. С. Психология искусства. – М., 1968. – С. 190.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яке аз адибони маъруф, вале сиёсатмадори нокоми гурҷӣ Константин Гамсахурдия навишта буд: «Вақте новеллаеро анҷом медиҳам, худ ба худ саволе нооромам мекунад: оё ягон чизи зиёдатӣ, калимаи нодаркоре нагуфтаам?»[1].

Новеллаи Гурам Рчеулишвили «Алавердоба» дар таҳияи Георгий Шенгелая манзур гаштааст: журналисти ҷавон барои навиштани очерке ба калисои Алаверди меояд. Чи бинои мӯҳташам. Вале анъанаҳои шӯравӣ онро хароб кардаанд. Ҳама ҷо тӯда-тӯда дар кайфу сафо, хори бақуввате сурудеро ба самъ мерасонад. Вай як ниқобест аз лаққигиҳои беҳуда.

Тасаввур: журналист дар аспи сафеди бодпо дар фоми анбӯҳи мутаҳайир пеши назар меояд.

Дар навори Нодар Моначадзе (боз ҳам аз рӯи «Алавердоба») қаҳрамон дар баҳри пурмавҷ мемирад. Мӯҳтаво ин аст: дар даврони шӯравӣ мубориза натиҷа намедод.

Дар новеллаи телевизионӣ муболиға аксар ба маънии писханд меояд.

Теленовеллаи Реваз Нейшвили дар таҳияи Элдар Шенгелая «Модарандари Семанишвили» аз қиссаи аҷибе ҳикоят мекунад: марди муҷаррад (ашроф) Бекинс зан гирифтан мехоҳад. Писари калониаш аз тарси ворисии нав худаш ба ҷустуҷӯи зане меравад, ки назояд. Ва як бевазанеро бо номи Элисабет меёбад, ки ашрофзода аст. Вай ду шавҳар карда, аммо беналс будааст. Анҷоми ин қисса ҳам барои қаҳрамонон ва ҳам барои бинандагон ғайричашмдошт аст - баъди чанде Элисабет ҳомила мешавад.

Семанишвили талхакаф. Ҳама ҳайрон.

Жанри новелла аз сарчашмаҳои қадима ибтидо гирифта, ба навгонӣ шавқи беандоза дорад. Ба қавли гурҷиҳо вай «маи нав дар хуми кӯҳна»-ро ба ёд меорад. Раванди эволютсионӣ дар ин жанр мудовим аст.

Гуфторамонро дар бораи новелла ва эссе бо суханҳои адабиётшиноси маъруфи асри XX М. М. Бахтин хотима бахшиданием. Вай дар мавриди эҷодиёти Федор Достоевский баҳс ороста, вобаста ба жанрҳои адабӣ гуфта буд: «Жанр ҳамеша як аст ва як нест, дар ҳама давр ҳам нав асту ҳам кӯҳна. Жанр дар ҳар як марҳалаи инкишофи адабиёт, гузашта аз он дар ҳар як асари адабӣ аз нав эҳё дидаву нав мешавад. Аз ин рӯ, унсурҳои кӯҳнаю қадимии ин жанр намиранда, ҳамешасабзанд. Онҳо қобилияти навшавӣ, ба замон мувофиқшавиро доранд. Жанр бо имрӯзаш зинда аст, вале гузаштаашро, оғози нумӯашро ҳамеша ёд дорад. Жанр намояндаи хотираи эҷодӣ дар раванди инкишофи адабиёт аст»[2]. Ин гуфтаҳо сад дар сад ба жанри новеллаю эссе низ дахл доранд.

---

[1] Гамсахурдия К. Избранные произведения в 8-ми томах. Т. 2. – Тбилиси, 1958. – С. 50.
[2] Бахтин М. М. Проблемы поэтики Достоевского. – М., 1972. – С. 178.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Мундарича

Муқаддима……………………………………………………………….
Ҷаҳони рангини ахбор…………………………………………….
Суханронӣ дар кадр (парда)………………………………………
Ҳисобот…………………………………………………………………
Мусоҳиба………………………………………………………………
Репортаж……………………………………………………………….
Жанрҳои таҳлили публитсистӣ…………………………………..
Шарҳия………………………………………………………………….
Нишориш………………………………………………………………
Сӯҳбат…………………………………………………………………..
Мубоҳиса……………………………………………………………
Ток-шоу………………………………………………………………..
Пресс-конфоронс……………………………………………………
Номаи хабарнигор……………………………………………………..
План сенария…………………………………………………………
Новеллаи телевизионӣ………………………………………………

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*